ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №7 (352) 30-юми октябри соли 2024, чоршанбе (оғози нашр: соли 1994)

## БЕҲТАРИН ХОНАНДАИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



*Таърихи 30.09.2024 дар саҳни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ғолиби озмуни ҷумҳуриявии "Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат"- Расулзода Абдулбосит-донишҷӯйи курси 4-уми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳро дар вазъияти тантанавӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хоса бо гулу гулдастаҳо истиқбол гирифтанд.*

*Қобили қайд аст, ки озмӯни ҷумҳуриявии «Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат» санаи 28.09.2024 дар шаҳри Душанбе ҷамъбаст гардида, маросими тантанавии ҷоизасупорӣ баргузор шуд. Хурсандиовар аст, ки зимни натиҷагирии озмун Расулзода Абдулбосит-донишҷӯйи курси 4-уми факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳ ба гирифтани ҷойи 3-юм шарафёб гардида, бо диплом ва маблағи пулӣ дар ҳаҷми 7500 сомонӣ сарфароз гардонида шуд.*

*Дар ҳошияи истиқбол ба ин муносибат дар бинои маъмурии донишгоҳ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни суханронӣ ғолиб ва роҳбарашро барои расидан ба ин муваффақияти назаррас табрик намуда, дар корҳои минбаъдаашон барору комёбӣ таманно намуд.*

*Таъкид карда шуд, ки ғолиб ва роҳбари он аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ҳавасманд гардонида шуда, дар самти корҳои илмию таълимияшон иқдомҳои тоза рӯйи даст гирифта мешавад.*

*Ҳамчунин, ғолиби озмун миннатдории самимии худро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ташкилу баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва ба раёсату ҳайати устодону омӯзгорони донишгоҳ барои дастгириҳои ҳамешагӣ изҳор намуд.*

*Ёдовар мешавем, ки Абдулбосит Расулзода аз зумраи донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ буда, дар аксар озмунҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намудаву ғолибият ба даст овардааст. Аз ҷумла, ӯ ғолиби ҷойи 1-уми озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" дар соли 2022 дар номинатсияи адабиёти классикӣ ва ғолиби ҷойи 1-уми озмуни ҷумҳуриявии "Маснавихонӣ" дар соли 2023 мебошад. Ҳамчунин номбурда ба гирифтани ҷои ифтихории озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат» зафар ёфтааст.*

*Раёсати донишгоҳ Расулзода Абдулбосит ва омӯзгорону кормандони донишгоҳро барои ноил шудан ба ин дастоварди бузург самимона муборакбод намуда, дар корҳои минбаъдаашон барор мехоҳад.*

ПАЁМИ ШОДБОШӢ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ МЕҲРГОН



С. 2

ҲАМОИШИ БОШУКӮҲ ВА ШУҲРАТАФЗО



С. 2-3

МАРГ ОҒОЗИ МАРО АНҶОМ НАТВОНИСТ КАРД...



С. 4

ГАВҲАРИ ГАНҶИНАИ ҲАСТӢ...



С. 11

ХАБАРҲО



С. 12-13

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ МЕҲРГОН

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати фарорасии Меҳргон, ки яке аз қадимтарин ҷашнҳои миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ва мероси гаронбаҳои маънавии ниёгонамон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Меҳргон дар таърихи мардуми фарҳангпарвари мо пас аз Наврӯзи оламафрӯз бузургтарин ҷашнест, ки омилу заминаҳои муҳимми табиӣ, иҷтимову иктисодӣ ва фарҳангиву маънавӣ онро то ба замони мо расонидаанд.

Меҳргон мисли Наврӯз таҷассумгари суннатҳои неки инсонӣ ва инъикоскунандаи заҳмати марди деҳқону дастархони мардум мебошад.

Таъриху фарҳанг ва тамаддуни қадимии тоҷикон собит месозад, ки ҳаёти инсоният бо олами атроф – табиату коинот робитаи ногусастанӣ дошта, ниёгони мо аз қадимулайём барои арҷгузорӣ намудан ба неъматҳои табиат маросиму ҷашнҳои гуногун баргузор мекарданд.

Маҳз дар муҳити ориёитаборон ба вуҷуд омадани Садаву Наврӯз ва Тиргону Меҳргон бо расму ойинҳои рангорангу қадимаи онҳо, ки ба як ҷузъи ҷудонопазири ҳувияти миллии тоҷикон табдил ёфтаанд, далели возеҳи ин гуфтаҳост.

Ҳар кадоме аз ин ҷашнҳо дар фаслҳои гуногуни сол таҷлил гардида, хусусиятҳои табиии онҳоро ифода менамоянд.

Меҳргон ифодагари фасли заррини тирамоҳ буда, ниёгонамон онро ҳамчун шукргузорӣ барои неъматҳои табиат ва заҳмати кишоварзон баргузор мекарданд.

Бунёдгузории ҷашни Меҳргонро ба шоҳи пешдодӣ – Фаридун нисбат медиҳанд.

Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ рӯзи аввали ба тахт нишастани Фаридунро баробар ба рӯзи Меҳргон тасвир намуда, ойи- ни мазкурро ёдгорӣ аз ӯ бароиояндагон медонад.



Ва ин ёдгории Фаридун, ки моҳияти асосии онро ба монанди ғояҳои ахлоқии ҷашнҳои Наврӯзу Садаву Тиргон пирӯзии адолат бар ҷаҳолат, нур бар зулмот, ободкорӣ бар вайронгарӣ, некӣ бар бадиву зиштӣ ташкил медиҳанд, то замони мо омада расидааст.

Бо ифтихор иброз медорам, ки маҳз ба шарофати истиқлоли давлатӣ мо имкони эҳё кардани ҷашнҳои бос- тониамон – Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргонро пайдо кардем, ба онҳо чун ҷузъи арзишҳои миллии хеш умри дубора бахшидем, расман ба қонунгузории кишвар ворид сохтем ва имрӯз дар саросари Тоҷикистони азизамон бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил менамоем.

Меҳргон, пеш аз ҳама, ҷашни деҳқонон буда, айёми ҷамъ овардани ҳосили кишоварзиву боғдорӣ, рамзи баракату фаровонӣ ва файзи дастархони мардум ба ҳисоб меравад.

Деҳқонони асил дар фасли зебои тирамоҳ ҳосили бо заҳмат рӯёнидаашонро ҷамъоварӣ ва барои фасли зимистон захира мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар шароити имрӯза захира намудани маҳсулоти озуқаворӣ масъалаи хеле муҳим аст.

Ман солҳои зиёд инҷониб дар бораи захира кардани маводи ғизоӣ дар ҳар як оила барои на камтар аз ду сол таъкид менамоям.

Ин масъала бо дарназардошти тофт нооорому бесубот гардидани авзои сайёра, норасоии ғизо ва болоравии нархҳо солҳои охир боз ҳам муҳимму мубрам шуда истодааст.

Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки ба ин масъала бисёр ҷиддӣ муносибат кунем, доим дар фикри аҳли оила ва фарзандони худ бошем, дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ, хусусан, дар истифодаи неруи барқ сарфаю сариштакор бошем, ба исрофкорӣ роҳ надиҳем ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим»-ро ҳатман риоя намоем.

Дар баробари кишоварзони мамлакат ҳар як оилае, ки дар ихтиёри худ замини наздиҳавлигӣ дорад, бояд бо истифодаи оқилонаи ҳар як ваҷаб замин ҳарчи бештар маҳсулот истеҳсол намояд, то ҳам хонаводаи худро таъмин созад ва ҳам дар таъмини бозори истеъмолӣ саҳм гузорад.

Дар робита ба ин, кишоварзони мамлакатро зарур аст, ки якҷо бо олимону мутахассисони соҳа бо роҳи баланд бардоштани маданияти заминдорӣ, зиёд намудани майдони боғҳо, истифодаи самараноки обу замин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, таъмин кардани рушди тухмипарварӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, дар муҳлатҳои муайяншуда гузаронидани кишти тирамоҳӣ, васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ ва рӯёнидани ду – се ҳосил амнияти озуқавории кишварро тақвият бахшанд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки анъанаи ба намоиш ва фурӯш гузоштани навъҳои беҳтарини маҳсулоти кишоварзӣ ва чорво идома дода шавад.

Бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистонро бо ифтихори ҷашни пурфайзи Меҳргон самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар дастархони пурнозу неъмат, файзу баракат, рӯзгори осуда, зиндагии шоиста ва бахту саодат орзу менамоям.

Ҷашни Меҳргон муборак бошад, ҳамватанони азиз!

***https://www.president.tj/event/speeches/48393***

# ҲАМОИШИ БОШУКӮҲ ВА ШУҲРАТАФЗО

***Бо ибрози хушнудиву нишот аз фазои сулҳу субот, неъмати волои истиқлолу шарафи бемисли ватандорӣ, ваҳдату ҳамдилии халқи мамлакат, аркони устувору равнақбахши давлатдории миллӣ шарти шукргузории мудом аст, ки Тоҷикистони азизу маҳбуб аз файзи оини хирадбунёду сулҳпарварӣ, сиёсати муваффақонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо татбиқи тадриҷии меъёрҳои қонуни асосии давлат ва бахтномаи ормонии миллат – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамакнун, аз қабули якдилонаву умумихалқии он 30 соли пуршарафу армуғонҳои соҳибдавлатӣ рақам меҳӯрад, ба кишвари ободу зебо ва мизбони ҳамоишҳои бошукӯҳи минтақавию байналмилалӣ табдил ёфта, ҳамчун пешбарандаи ташаббусҳои байналмилалӣ ва саҳмгузор дар ҳалли масоили глобалӣ мавриди таваҷҷуҳу эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.***




Конфронси байналмилалии парламентӣ таҳти унвони «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси мақоми олии қонунбарори кишвар-Маҷлиси Олӣ 10-11 октябри соли ҷорӣ бо иштироки ҳайатҳои парлумонӣ аз 11 давлати дӯсту шарики Ватани азизу маҳбуби мо баргузор гардид, воқеан, ҳамоиши бошукӯҳ ва шуҳратафзои фаъолияти парлумони Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, ҳамчун минбари муколамаи ҳуқуқӣ бахри тақвияти ҳамкориҳои байнипарламентӣ, муаррифии дастовардҳои конститутсионӣ, рушди қонунгузории миллӣ хидмати басо муассир намуд.

Конфронс аз қисмати ифтитоҳӣ ва 4 бахш иборат буда, зимни суханрониҳо ва маърӯзаҳои иштирокдорон масоили мубраму ҳалталаби ҳуқуқӣ ва раванди қонунэҷодкунӣ, бо назардошти шароити кунунии бисёр мураккаб ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ниҳоят печидаи ҷаҳони муосир бар асари ҷолишҳои раванди ҷаҳонишавӣ, омилҳои иқлимию техногенӣ, зуҳуроти нохуши ифротгароӣ, афзоиши хатарҳои таҳдидкунанда ба сохтори конститутсионии кишварҳои мустақил баррасӣ ва дар натиҷа ғояҳову лоиҳаҳои нави ҳамкорӣ ба бор омаданд.

Имрӯзҳо барои ҳар як фарди худогоҳу ватандӯсти ин диёри фарзонахез ва бархӯрдор аз маърифати ҳуқуқӣ боиси шарафи бузург ва ифтихори фаровон аст, ки миллати фарҳангиву соҳибтамаддуни мо 9 сентябри соли 1991 ба начибтарин дастоварди таърих, неъмати бебаҳову волои ҳаёт, рамзи асолату ҳувият, шарти бақои миллату пойдории давлат, заминаи устувор зарфияти томи татбиқи ормонҳои миллӣ – истиқлоли давлатӣ мушарраф гардид.

Аз арзёбии чараёни ташаккули давлатдории навини халқи тоҷик баръало собит аст, ки поерезии аркони ҳокимияти давлатӣ дар шароити нооромии ҷангӣ, шарафёбӣ ба оташбаси

# ҲАМОИШИ БОШУКӮҲ ВА ШУҲРАТАФЗО

ҷанги шаҳрвандӣ ва ваҳдати комили миллӣ, амонбахшии истиқлоли давлатӣ аз таҳдидҳои дохиливу таъсироти хориҷӣ, эъмори дурбинонаи низоми ҳуқуқии ҷавобгӯ ба тақозову арзишҳои миллати озодаву фарҳангӣ, барқарорсозӣ ва тақвияти муназзами иқтисоди миллӣ, эҳёи фарҳангу тамаддуни меросӣ ва дигар унсурҳои муҳими давлатдории навину мустақили миллии мо ба иқдомҳои ҷасуронаву қотеъонаи фарзанди фарзонаву ҷонфидои миллат, баҳраманди домони пурмеҳру тақдирбахши Модари фозилаву қаҳрамон, меросбари фарҳанги деринбунёди давлатдории мутамаддин, Пешвои дардошнову маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии амиқу ногусастанӣ дорад.

Дар он шароити бисёр ҳассос ва нобоварии аксари давлатмардон ва нухбагони ҷомеа баояндаи дурахшони давлат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хиради азалӣ ва фаросати бемисли сарварии хеш роҳи наҷотро дар сулҳу оштӣ ва ваҳдату ҳамдилии халқи кишвар, ташкили низоми дурусти идораи давлатӣ, таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии низоми идоракунӣ, мақомоти босалоҳияти ҳифзи ҳуқуқ, таҳияи низоми судӣ, яъне бунёди як механизми мукаммали низоми идоракунии давлатӣ дарёфтанд, ки қодир бошад халқро аз парокандашавӣ ва ниҳоли навбари давлати тоза ба истиқлол расидаро аз боди хазон, аз хавфи нестшавӣ эмин нигаҳ дорад. Дар зимн, бо азме росиху мушкилнописанд, руҳияи умедворонаву масоилзудо, рисолате таърихиву қаҳрамоние бемисл даст ба кору эъмори аркони муназзаму устувор ва равнақбахши тадриҷии соҳаҳои давлатдории миллии мустақил шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон зери ливои сулҳу осоиш ва роҳбарии Сарвари умедбахшу Пешвои наҷотбахши миллат роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро бо низоми идории президентӣ баргузида, дар муҳлати кӯтоҳи таърихӣ соҳиби Конститутсия, Нишону Парчами давлатӣ, Суруди миллӣ, пули миллӣ ва дигар рукнҳои давлатдории миллӣ гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таҷрибаи конститутсионализми Тоҷикистон маротибаи нахуст тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ифодаи азму иродаи халқи тоҷик, ормонҳои таърихиву тақозои табиати озодманишии миллат буда, вижагии махсуси он дар санади миллӣ буданаш мунъакис аст.

Нақши боризу мондагори Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва қабули Конститутсия қобили зикри хос аст, зеро маҳз пас аз иҷлосияи таърихӣ масъалаи таҳия, муҳокима ва қабули Конститутсия аз нав ба миён гузошта шуда, марбут ба ин муқаддасоти давлатӣ қарорҳои зарурӣ қабул карда шуданд.

Метавон гуфт, ки Конститутсияи амалкунанда натиҷаи татбиқи қарорҳои Иҷлосияи XVI Шурои Олист, ки бо қабули он заминаи устувори ташаккули низоми қонунгузории миллӣ ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти шохаҳои ҳокимият фароҳам оварда шуд.

Ҳамин тавр, 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, тағйиру иловаҳои воридшуда мазмуну муҳтавои он, низоми қонунгузории кишварро такмил ва роҳи минбаъдаи давлатдории миллиро муқаррар сохтанд.

Дар натиҷаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз дар Иҷлосияи таърихӣ, роҳандозии ташаббусҳои созандаву сулҳҷӯёна бо сарварии Раиси ҷавону пурғайрати Шурои Олӣ ва баъдан (соли 1994) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Бо вусъати якдилонаву дастҷамъонаи корҳои ободониву созандагӣ симои шаҳру навоҳии кишвар ба таври ҳаяҷонбарангезу шинохтанашаванда дигар шуда, Душанбеи гулпераҳану нозанин чун ахтари пурҷилову чашмрабои осмони бекарон бисёр дилфиребу фараҳафзо гардидааст. Хоса, бо ифтитоҳи биноҳои наву хуштарҳу муосири Ҳукумати мамлакат ва парлумони кишвар ба ҳусни пойтахти кишвар шукӯҳу ҷалоли хоса зам гардида, дар замири ҳар як шаҳрванди худогоҳу ватандӯсти кишвар меҳру садоқат ба ин сарзамини биҳиштмаъво ва сиёсати хирадбунёду ояндасози Пешвои миллат рӯзафзун аст.

Баҳои баланд ва аҳсанхониҳои ҳайатҳои парлумонӣ, меҳмонони воломақоми кишварҳо зимни боздид аз толорҳои барҳавову бошукӯҳ, илҳомбахшу пурҷилои бинои нави парлумон, ки бо тарҳи муосир ва ҳамзамон, инъикоси унсурҳои санъати меъмории миллӣ бунёд ёфтааст, дар ҳошияи кори конфронс, фикр мекунем, барои ҳар як мақомдори тоҷик, ватандори худогоҳ боиси ифтихору виқор ва шукргузории амиқ аз давлати соҳибистиқлолу имконоти татбиқи маромҳои миллӣ буд.

Ҳамин тавр, аз баракати ҳамдиливу сулҳу субот ва татбиқи бомароми сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати мамлакат аксари аҳдофу вазифаҳои ҳуқуқии аз ибтидо таъиншуда, монанди таъмини волоияти Конститутсия ва қонунҳо, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳаёти осудаҳолонаву шароити зиндагии арзандаи халқ ва ташкили фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар фарози диёри хушманзару сарзамини таърихии мо ҷомаи амал пӯшиданд. Чунончи, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ зикр намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем».

Мусаллам аст, ки интихоботи озод, волоияти қонун ва парлумони касбӣ аз муҳимтарин рукнҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд буда, рушду нумӯи ҳар кишвари соҳибистиқол маҳз бо мусоидати мақоми намояндагӣ ва қонунбарор, яъне парламент таъмин мегардад. Ин рукни давлатдории мо аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ тайи шаш даъвати худ бо ифодаи дурусти иродаи халқ дар идоракунии давлатӣ, таъмини ваҳдати миллӣ, эъмор ва тавсеаи тадриҷии шохроҳи ҳуқуқии давлати демократӣ нақши меҳварии худро масъулиятшиносона иҷро карда истодааст.

Мутобиқи Консепсияи рушди муносибатҳои байнипарламентии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар замони муосир ҳамкории байнипарламентӣ чун самти муҳими ҳамкориҳои байнидавлативу байналмилалӣ, институти муассири намояндагии демократӣ ва амалисозии дипломатияи парламентӣ дар ҳалли проблемаҳои ҷаҳонию минтақавӣ нақши муҳим дорад.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ миёни Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парламентҳои кишварҳои дуру наздик, дар доираи фаъолият дар ассамблеяҳо ва иттиҳодҳои байнипарламентӣ, равобити неку пурсамар ташаккул ёфта, гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бобати баҳрамандӣ аз таҷрибаи қонунэҷодкунии ҳамдигар, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои намунавӣ, кӯшишҳо ҷиҳати танзими муносибатҳои нави ҳуқуқию ҷамъиятӣ, таъмини муқаррароти конститутсионӣ манфиатдоранд. Чунончи, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суханронӣ дар қисмати ифтитоҳии конфронси пуршукӯҳи парламентӣ зикр намуданд, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун-субъекти қонунбарор ва дорои рисолати пурмасъули такмили қонунгузории миллӣ, таъмини идоракунии давлатӣ, намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодҳои ҳуқуқии ҷаҳон ба таҳкими пайвастаи равобити байнипарламентӣ бо кишварҳои дуру наздик таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.




Воқеан, нақши муносибатҳои байнипарламентӣ бо кишварҳои дуру наздик, дӯсту шарик дар роҳандозии фаъолияти муназзаму фарогири парлумони Тоҷикистон ва тақвияти пайвастаи низоми қонунгузории миллии мо боризу муассир буда, тавассути масъалагузориҳо дар конфронсу ҳамоишҳо, ҷаласаҳои кории гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарламентӣ, созишномаҳои тасвибшудаву нақшаҳои муштарак ба амал бароварда мешаванд.

Қобили қайд медонем, ки парламентаризми Тоҷикистон дар партави сиёсати ҳуқуқии давлат таҳти раёсати Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2000-ум, инҷониб ба зинаи нави ташаккул – давраи парлумони касбӣ ворид гашта, дар доираи 5 даъват ва фаъолияти густардаи қонунэҷодкунӣ, ҳамкориҳои борвари байнипарламентӣ баҳри таҳким ва рушди Тоҷикистони демократӣ ва иҷтимоӣ мусоидати комил намуда истодааст.

Имрӯз бо боварии том метавон гуфт, ки парлумони кишвар тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, дар баробари иҷрои рисолати қонунэҷодкунӣ ва намояндагӣ аз халқ, таҳияи таҳкурсии ҳуқуқӣ ва қолаби қонунии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавонист низоми ҳуқуқии кишварро ба низоми ҳуқуқии давлати комилан мустақили миллӣ табдил диҳад, зеро яке аз омилҳои муҳими ҳимояи истиқлолияти кишвари тозаистиқлол ташаккули ғояи давлати миллӣ ва ҳуқуқи миллист. Таҳияи ҳуқуқи миллӣ бо қабули қонунҳои миллӣ яке аз дастовардҳои нодири Сарвари давлати тоҷикон ва парлумони касбии кишвар аст, ки ба низоми ҳуқуқии мо руҳи тоза бахшидаст.

Таҳия, баррасии умумихалқӣ, қабулу ислоҳоти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», қабул ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» марҳилаи тозаву шуҳратбахше дар фаъолияти қонунэҷодкунии парлумони касбии кишвар маҳсуб меёбад.

Тавассути қонунҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавии кишвар ислоҳоти бузурги таърихӣ амалӣ карда шуд, ки дар пасманзари он афзунсозии сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини шароити зиндагии арзанда, солимии ҷисму афкори наслҳои миллат, парвариши фарзандони донишвару ихтироъкор, меросбарони шоистаи фарҳангу тамаддуни оламгир ва таҳкими пояҳои давлатдории мустақили миллӣ мадди назар аст.

Лозим ба тазаккур аст, ки лоиҳаи қонуни миллии мо «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат ба баррасии васеи аҳолӣ гузошта шуд ва ҳанӯз соли 2011 дар кишвари мо қабул ва мавриди амал қарор гирифта, бо такмили тадриҷӣ самараи бисёр неку мавриди интизор ба бор овард, дар доираи фаъолияти Ассамблеяи байнипарламентии кишварҳои ИДМ ҳамчун лоиҳаи қонуни намунавӣ ба «Нақшаи дурнамои қонунгузории намунавӣ дар ИДМ барои солҳои 2023-2025» ворид карда шуда, қарор аст дар кишварҳои узви ин ассамблея қонунҳои ҳамсон қабул ва мавриди амал қарор дода шаванд.

Воқеан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосӣ истиқлоли давлатӣ ва дигар дастовардҳои миллиро аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровард ва дар самти сохтани як давлати амну босубот, демокративу ҳуқуқбунёд, ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, арзиши олӣ эътироф гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, ташкили мақомоти олӣ ва маҳаллии давлатӣ, пеш гирифтани роҳи эъмори ҷомеаи адолатпарвар, равобити хуби байналмилалӣ ва муаррифии Тоҷикистони азиз дар арсаҳои мухталиф хидмат намуд.

Бо баҳрамандӣ аз таъсири руҳафзову илҳомбахш, фазои идонаву мутантани Конфронси байналмилалии парлумонӣ ва муколамаву гуфтушунидҳои судманду равнақбахши равобити байнипарламентӣ кулли мардуми шарафманди диёри озодапарвар, хушманзару маъвои биҳиштиро ба ифтихори 30-юмин солгарди қабули санади олии ҳуқуқии Ватани азизу маҳбуб–Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният мегӯем.

Аминем, меъёрҳои конститутсионӣ ҷиҳати амалисозии ҳадафи асосиву меҳварии он-таъмини шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як шаҳрванди мамлакат бомаром татбиқ гардида, ин муқаддасоти сарнавиштсози давлатӣ чун бахтномаи ормонӣ ва ояндаафрӯзи миллат барои садсолаҳо равшангари масири рушди давлатдории мустақили миллӣ ва мардуми сарафрози мо боқӣ хоҳад монд.



***Раҳмон Дилшод Сафарбек,***
***д.и.ҳ., профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,***
***раиси Кумитаи ММ МО ҶТ оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният.***

**Бознашр аз рӯзномаи “Садои мардум”, №126 (4866), 23.10.2024**

*Набошад неъмате дар ҳар ду олам,*
*Ҳалол аз пораи нони муаллим! К. Насрулло*

Анвори дониш
№7 (352), ЧОРШАНБЕ, 30.10.2024

# МАРГ ОҒОЗИ МАРО АНҶОМ НАТВОНИСТ КАРД...

## *(Ё сухане чанд дар бораи фаъолияти кории академики АМИТ Ҳайдар Сафиев)*

Чун хома ба даст гирифтам ва хостам чанд сатр дар бораи ин шахсияти наҷиб рӯи қоғаз биёварам вуҷудамро як ҳиссиёти малакутӣ ба ҷунбиш овард. Ба андеша фуру рафтам, оё ман метавониста бошам тамоми паҳлуҳои фаъолияти илмиву омӯзгории ӯро бо фаросати худ, рӯшан созам. Нерӯи ниҳоиям даст гирифт ва маро барои иҷрои ин кор водор намуд.

Ҳар халқу давлат ашхоси номбардори хешро дорад, ки аз худ намунаи баланди касбӣ нишон дода, дар заминаи заҳмат ва талошҳои пайваста маъруф ва маҳбуби ҳамагон гардидаанд. Касбҳо низ хело зиёду мухталиф буда, аз рӯи талаботи замон зарурати пешбурди он тағйир меёбанд ва ба пешрафту устувории ҷомеъа суръат мебахшанд. Аз ин рӯ ба кадом давраи таърихие ба чашми хирад бингарем аз ҳама бештар намояндагони роҳи илм ва мунаввардсозони роҳи башарият пеши назар меоянд. Ин ҳақиқат барои ҷомеаи муосир истисно буда наметавонад. Ёдрас менамоям, ки ҷомеаи инсонӣ пайваста дар тағйирёбӣ буда шахсиятҳоеро тарбия карда ба камол мерасонад, ки ҳама неру ва тамоми ҳастияшонро барои пешаи интихобкардаашон мебахшанд ва дар байни мардум обруманд мегарданд. Инсон ҳамеша ҳамнабарди дарёи пуртуғёни зиндагист ва ин дарёи бекарон мудом дар талаби шиновари моҳир асту тақозои онро дорад, ки роҳии ин роҳ аз хавфу хатари он лаҳзае фориғ набошад.

Академик Сафиев Ҳайдар бо дарки ин ҳикмати зиндагӣ ва нуктаҳои ногуфтаву муаммобарангези ҳаёт бо касби илму дониш ва нерӯи фавқуллода чун шиновари моҳири киштии бузург аз талотумҳои мавҷҳои пурдаҳшати зиндагӣ намеҳаросид. Ӯ бо сафинаи худ то соҳили мурод ҷавонмардона бо сари баланд гузашт. Ӯ пайваста дар ҷустуҷӯи дастовардҳои нав буд. Чунончи Мавлоно Ҷаллолиддини Балхӣ мефармояд:

***Дар ба дар мегард, мегард кӯ ба кӯ,***
***Ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ.***

Аслан ҳар фард дар зиндагӣ он гоҳ комёб мегардад, ки фаъолияташ дар заминаи нақшаи муайян ва тақсими дурусту истифодаи босамари вақт роҳандозӣ шавад, шавқу завқ ва меҳру муҳаббатро ба ҷодаи пазируфтааш ҳамеша дар дил дошта бошад. Академик Ҳайдар Сафиев аз бузургтарин дороии олам, ки вақт аст самаранок истифода мебурд.

Академик Ҳайдар Сафиев аслан кам гап буд. Ӯ дар хомӯшии худ дар дарёи андешаҳо ғута мезад. Ӯ ончунон вақтро эҳтиром мекард, ки то ба имрӯз аз каси дигар надидам. Ман он қадар мутаассир шуда будам, ки хаёл мекардам гуё ӯ ягон курси сарфаи вақтро хондаву дар ин самт шаҳодатнома дорад. Суханони ӯ дар бораи вақт, ки барои ман таъкид карда буд чунинанд: “Мо ба қадри вақт намерасем. Онро чун пулҳои беқурбшуда беҳуда ба коми нестӣ медиҳем. Ин вақти аз даст рафта чист? Он иҷро накардани корҳо, амалӣ нашудани андешаҳо, ҷомаи амал напушондан ба орзуҳост. Агар нафаре чанд сомонии шуморо бидуздад ӯро дузду шарманда мехонем, муҷозот мекунем. Ин дуруст аст. Надузд! Лекин оне, ки вақти моро дуздидааст, дузд намеҳисобем, мо ҳатто даҳон намекушоем, ки ӯро сарзаниш намоем. Агар моҳиятро дарк кунем, он пулҳо ва ашёи дуздидашударо мумкин аст барқарор кунем, вақти дуздидашударо барқарор кардан мумкин нест. Ин насиҳат ба ту Холиқ Сафар – хез рав, ки вақти тиллоии маро аз даст рабудӣ!” Ман хандакунон аз утоқи кории ӯ берун шудам. Ин як лаҳзаи вақт буд, ки ба устоди гиромиям барои абад дар хотирам монд. Ин барои ман дарси ибрат буд, дарсе буд, ки вуҷудамро такон дод. Баъдтар дар китобҳо хондам, ки асрори азал дар дасти вақт будааст. Ду ҳазор сол пеш хирадманди атиқа Сенека доир ба вақт чунин менависад: «Дар ин олам ҳеҷ чиз ба мо таалуқ надорад, на сарватмандӣ, на молу мулк, на ашёи дигар. Мо ҳеҷ чизро аз худ карда наметавонем. Табиат ба моликияти шахсии мо фақат як чизро додааст ва он вақт мебошад. Мо фақат ин дарёи вақти ҷориро дар ихтиёр дорем, фақат дар бораи он мо гуфта метавонем, ки моликияти мост”.

Академик Сафиев Ҳайдар зодаи шаҳри Кӯлоби бостонӣ мебошад. Ӯ 5-уми феврали соли 1950 дар оилаи коргар чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи №2, №5 таҳсил намуда, соли 1966 мактаби миёнаро бо медали тилло хатм намудааст. Вақте ки мактабро бо баҳои аъло хатм мекунад, масъулин заҳмати 10-солаи ӯро қадр накарда медали тиллоро ба ӯ намедиҳанд. Баъд аз чанд сол гузаштан маъмурияти шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб ба хулосаи дуруст омада, медали тиллоро ба ӯ дастрас менамоянд. Ӯ баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба Институти политехникии шаҳри Душанбе супурда, сарбаландона ба унвони донишҷӯ мушарраф мегардад (1966–1969). Баъд ба институти политехни-



кии шаҳри Киев (1969–1972) раҳсипор мегардад. Солҳои 1977–1982 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба ҳайси мудири кафедраи физика кору фаъолият намудааст. Академик Ҳайдар Сафиев ба ҳайси муовини мудири шуъбаи илм, техника, мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон (1982–1987) кору фаъолият намудааст. Солҳои 1987–1998 мудири шуъбаи коркарди ашёи хом ва партовҳои саноати Институти химияи ба номи В.И.Никитини АМИТ кору фаъолият намудааст. Солҳои 1998–2001 муовини сардори шуъбаи техникии Заводи алюминийи Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Солҳои 2000–2001 ба ҳайси саркотиби илмии АМИТ иҷрои вазифа намуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти илмӣ ва коргузории ӯро ба ҳисоб гирифта, ӯро соли 2001 ба ҳайси ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин намуд. Ӯ дар он вазифа то соли 2005 кору фаъолият намуд. Соли 1977 дар шаҳри Минск рисолаи номзадӣ ва дар соли 1997 дар шаҳри Душанбе рисолаи доктории худро дифоъ намудааст. Соли 1999 ба унвони профессори бахши кимиё мушарраф гардид. Бо фармони Пешвои муаззами миллат соли 2002 ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва технологияро сазовор шуд. Академик Ҳайдар Сафиев бо фармони раёсати АМИТ таҳти №59 аз 25.12.2000 аввалин мудири шуъбаи масъалаҳои об ва экология таъин мегардад. Ӯ солҳои 2006-2009 мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои илм ва технологияи муосир кору фаъолият намудааст. Аз соли 2009 директори Муассисаи давлати Институти илмӣ-таҳқиқотии металлургии КВД «Ширкати алюминийи тоҷик» кору фаъолият намудааст.

Академик Ҳайдар Сафиев яке аз олимони шинохтаи соҳаи химия ва технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ буда, бо роҳбарии бевоситаи ӯ дар соҳаҳои номбурда таҳқиқоти ниҳоят муҳими бунёдӣ анҷом ёфтаанд. Натиҷаи онҳо нишон дод, ки бори аввал дар Тоҷикистон нақшаи технологии коркарди комплексии маъданҳои алюмосиликатӣ ва партовҳои саноатӣ тайёр карда шуданд. Корҳои илмии он дар Иттиҳодияи истеҳсолии «Химпром»-и шаҳри Сума (Украина), заводи чинибарории шаҳри Турсунзода, корхонаи «Падида» ва идораи обу корези шаҳри Душанбе амалан татбиқ гардиданд.

Академик Сафиев Ҳайдар муаллифи беш аз 350 асари илмӣ, монография, китоби дарсӣ ва мақолаҳои илмӣ мебошад. Дорандаи беш аз 30 ҳуҷҷати муҳофизатии ихтироот: шаҳодатномаи муаллифи СССР, патентҳои Аврусиёгӣ, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ёдрас менамоям, хислатҳое чун бадию бахилӣ, номардию нописандӣ, буғзу бухлу ҳасаду дурӯғ ва мардумозорӣ аз тинати Сафиев Ҳайдар фарсахҳо дур буда, ҳазорон шогирдонашонро дар руҳияи ҷавонмардӣ, ростқавлӣ инсондӯстию инсонпарварӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, дӯстдории касбу ҳунар, пос доштани анъанаҳою суннатҳои неки миллию башарӣ, сулҳу ваҳдату ягонагӣ тарбия намудааст. Ин аст, ки ободии ҷомеа ба ингуна шахсон вобастагӣ дорад.

Асрори олими пурдон будани ӯ дар он нуҳуфтааст, ки мунтазам мутолиа мекунад, бе китоб, бе маҷала ва бе навтарин технология худро тасавур карда наметавонист. Ошиқу шефтаи илм будан ӯро ҳамчун олим тавонову чун омӯзгор дақиқназар гардонид. Ӯ табиатан озодгую озодихоҳ буд. Донишро болотарин муъҷизаи Худовандӣ меҳисобид. Аз дуруғ пайваста парҳез намуда, дар аҳди бастаи худ вафодор буд.

Академик Сафиев Ҳайдар ҳамаи андешаҳою мақсаду матлабашро дар кураи фаросату ақлу тафаккур пухта, пас ба оғози он даст мезад. Дар китобҳои навиштааш ба саросемагӣ роҳ надодааст. Ба ёру дӯстон, хешу табор маълум аст, ки ӯ дасти кушодае дошт, бисёр хайрхоҳу мушкилкушо буд. То он ҷое, ки дасташ мерасид ба дӯстону шогирдон дасти ёрӣ дароз мекард. Дар зиндагӣ дурандешу оянданигар буд. Ягон корро саросема бидуни мулоҳиза иҷро намекард. Ҳамаи паҳлуҳои корро борҳо санҷида баъд ба оғози он дасту панҷа мезад. Хислатҳои хубу нотакрори устоди зиндаёд хело зиёданд. Ёдрас менамоям, ки мутафаккири бузурги асри XIX асосгузори назарияи коммунизми илмӣ, Карл Маркс дар замони худ гуфта буд: **«Дар илм роҳи васеи ҳамвор вуҷуд надорад, танҳо ҳамон касоне ба қуллаҳои баланди илм баромада метавонанд, ки аз душвориҳо наҳаросида пеш раванд»**.

Фатҳи қуллаҳои илми кимиёи муосир барои ин марди наҷиб ба осонӣ ба даст наомадааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки барои ҷавоне аз шаҳри Кӯлоб, ки ҳамагӣ 30 км аз сарҳади Афғонистон дур аст дар калонтарин шаҳрҳои Украина, Россия ва Иттиҳоди Шуравӣ таҳсил намудан, бо забони бароят бегона мақолаю рисолаи номзадӣ навиштан, ҳамчунин аз минбарҳои сатҳи баланди ҳамоиши илмӣ баромадҳои пурмуҳтаво намудан талоши пайваста ва заҳмати ҳамешагиро талаб менамояд. Воқеан ҳам дар кишварҳои абарқудратҳо бо забони онҳо баромад намудан, сухан гуфтану шаъну шарафи илми тоҷикро ҳимоя кардан кори осон нест. Бе муҳоббот гуфта метавонем, ки дар паси ҳамаи ин дастовардҳои устод Ҳайдар Сафиев заҳматҳои хеле ва хеле зиёди ӯ, шабҳои бехобӣ, истодагариҳо, бори вазнини илмро бардоштанҳо ва иродаи қавиаш меистоданд. Барои амалӣ шудани мақсадҳои дар пешаш гузошта шуда ӯ пайхас намуда буд, ки ин кори саҳл нест. Ӯ медонист, ки ба илм бояд бо масъулияти баланд муносибат кард. Аз ин лиҳоз ҳар як дақиқаҳои умрро самаранок истифода мебурд ва ба нафъи илми кимиёи тоҷик хизмат мекард.

Аз мушоҳидаву таҷрибаи андӯхтаам, бароям маълум гардид, ки ҳар як дарси устод барои донишҷӯён ҷаҳони маънӣ дошт. Ҳатто, баъди даҳсолаҳо таълимоту раҳнамоиҳои устод дар ёдӣ шогирдон ба дуриҳои дур нақш бастааст. Ҳамон гуна, ки шоир ин равишро зебову гуворо ба қалам додааст:

***Сабақро хуб хонданҳои шогирд,***
***Бувад пайваста аз таълими устод.***

Соҳибмаърифатӣ, масъулиятшиносӣ, фидоии илм барин хислатҳо дар замири устоди зиндаёд Ҳайдар Сафиев доди иллоҳист.

Таърихи инсоният гувоҳ аст, ки дар ҳар як гушаву канори олам ва дар ҳар як давру замон аз миёни садҳо миллион одамон Офаридгор барои ҳар як халқу миллат ситораҳои дурахшонеро чун Ҳайдар Сафиев офаридааст, ки дар умри хеш онҳо ба халқи худ хизматҳои арзишманд кардаанд. Касби омӯзгорӣ, олими тавонои илмҳои дақиқ будан аз ҷумлаи шуғлест, ки хеле мушкил, мураккаб, пурпечутоб ва заҳматталаб. На ҳар як шахс аз уҳдаи ин кори сангин мебарояд.

Қайд кардан ба маврид аст, олиме, ки андешаву афкори илмиаш, ихтирооту кашфиёташ дар амал татбиқ мешавад, шогирдони ба воя расондааш ба манфиати халқу Ватан барои пешрафту ободии кишвар хизмат мекунанд, воқеъан ҳам хушбахт аст ва ӯ дар байни ҳамкорону шогирдон, дӯстону ҳаммаслакон ва кулли мардум низ обурую эътибори зиёд пайдо мекунад. Академик Сафиев Ҳайдар аз ҷумлаи ҳамин устодону равшангарони роҳи инсонист.

Ӯ ба шогирдон мефаҳмонд, ки дар дунё аз ҳама чизи зарурӣ ин талош барои ба даст овардани илм аст. Ҳар чӣ қадар бештар ӯро сарф кунем, ҳамон қадар дубораву дубора зиёд мешавад. Ин муъҷизаи осмонист. Дигар ҳамаи чизҳоеро, ки мо сарф мекунем онҳо ба самти камӣ майл карда ба нестӣ мераванд, ба ҷуз илм. Агар ту рӯзи беҳ хоҳӣ, агар ту оянддаи дурахшон хоҳӣ, агар ту мартабаю шаъну шон хоҳӣ дар такопуву ҷустуҷӯ бош! Мавлави Румӣ дар ин маврид мефармояд:

***Рав таваккул кун биҷунбон пою даст,***
***Ризқи ту аз ту ба ту ошиқтар аст.***

Ӯ пайваста дар нишастҳояш бо шогирдон бо дили шарарафшон мавқеъи омӯзгорро болотар аз дигар пешаҳо мегузошт. Агар боғбон ҳосилашро, савдогар молашро, дузанда матоашро, оҳангар асбоби рӯзгорашро, заргар гарданбандашро, ошпаз таомашро, чупон гӯсфандашро бо пул фурушад, пас танҳо омӯзгор аст, ки маҳсули дар даҳсолаҳо омӯхтаи худро бо муҳаббати хос, ройгон ба фарзандони миллат туҳфа мекунад. Академик Ҳайдар Сафиев бе муболиға чароғи сӯзон буд. Ҳамеша равшангар буду бе тафриқа ба ҳар шогирд нури ирфону саодат мерасонд. Устод дар зиндагӣ наққош ва барномарез буд. Ӯ нақши илми кимиёро дар рушди илми башарӣ созгор дониста онро тарғиб менамуд. Академик Ҳайдар Сафиев дар зиндагиаш ғулғула дар гунбади афлок андохт. Ӯ роҳеро оғоз кард, ки ҳеҷ анҷом надорад...

Марг ва реҳлат аз ин дунё инсонҳоро ҷисман аз мо даррабояд ҳам, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ корномаи мардони бузургу олимони тавонoро аз мо, ёду ҷойгоҳашонро аз қалби мо рабуда наметавонад. Зеро таълимоту таълифоти онҳо ҳамеша ва дар ҳама давру замон раҳнамову тарбиятгари мо хоҳад буд. Яъне бо вуҷуди фаро расидани марг ин дунё майдони ҷавлонгаҳи мардони зиндаёд ва некному хирадманд хоҳад буд. Устод Сафиев Ҳайдар аз ҷумлаи шахсиятҳои шарифу маҳбубест, ки дар заминаи заҳмату талошҳои пайгирона ва раҳнамоиву таълифоти оқилона зиндагии ҷовидониро барои худ касб намуданд. Ӯ ҳамеша дар ёди мо шогирдон азизу маҳбуб хоҳад монд. Тавре ки Бедили Деҳлавӣ мефармояд:

***Дар адам ҳам қисмати хокам ҳамон оворагист,***
***Марг огози маро анҷом натвонист кард.***

Рӯҳи устоди гиромӣ шоду маъвои охираташон ҷаннати ҷовидон бод.

***Холиқов С.С – н.и.х., мудири кафедраи химия ва методикаи таълими он***

# МАРДИ НАКУНОМ НАМИРАД ҲАРГИЗ

***Зиндаю ҷовид монд, ҳарки накуном зист,***
***К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.***

Дар ҳадиси Расули Акрам (с) омадааст, ки «Олимон ворисони анбиёанд». Оре, мартабаи илму олим хеле баланд аст. Ҷойи дигар паёмбари ислом мефармоянд: «Хоби олим беҳ аз ибодати ҳафтодсолаи авом аст». Бале, агар олим набудӣ, олам шаби тор будӣ.

Дар тӯли зиндагии пуршебу фарози башарият олимон чун шамъ худсӯзиҳо намуда, ба нури зиёи хеш ин ҷаҳони пуршарру шурро рӯшаниҳо бахшидаанд ва мебахшанд.

***Чароғи ҳарду олам олимонанд,***
***Ба маънӣ олимон шамъи ҷаҳонанд.***

Дар таърихи инсоният шахсиятҳои хурду бузург ва шоиставу нописандида басо бисёр зуҳур кардаанд. Ва ҳар яке аз онон осореву нақше ва мақоме дар ҳаёти башар аз худ боқӣ гузошта, ки ҳеҷ ба дигаре монанд нест, ҳар яке аз он дар манзалати худ нотакрор аст. Ва аммо писандидатару шоистатар, арзандатару пазируфтанитар онест, ки дар ҷабҳаву талош манфиате ва хайриятеро меҷӯяду меёбад ва барои инсоният пешкаш менамояд. Худованд низ барои бандагонаш ҷабҳаҳоеро эҷод карда, ки ҳар касе аз рӯйи имкону тавоноӣ дар он машғули кору пайкор аст. Ин шахси дар кору пайкор бисёр серталабу қавиирода, дар илму маърифат хеле арзанда ва дар навбати худ ҳалиму меҳрубон Раҳмонов Тағай Раҳмонович (рӯҳаш шод ва хонаи охираташ обод бод!) мебошад.



Ҷое, ки сухан аз мардӣ, ёру бародарӣ ва санъати баланди роҳбарӣ меравад, пеши назарам дӯсту ҳамкор, инсони ҳалиму хоксор, роҳбари сахтгиру меҳрубон Тағай Раҳмонович ҷилвагар мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар миллатро шахсиятҳои хирадманду фарҳангиаш муайян мекунанд ва инсонҳоро аз нуру хирад, ақлу заковат, маърифату меҳру муҳаббаташон мунаввар месозанд, ки дар чунин маврид бузургворе фармудааст: “Ҳар кӣ илм бештар дорад, ӯро бузург доред ва ҳар кӣ аз омӯхтани илм нанг дорад, ӯро мардум машуморед».

Банда Тағай Раҳмоновро аз солҳои 70-уми асри гузашта дар асоси фаъолияти якҷояи корӣ дар Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) медонаму мешиносам. Ӯ солҳои зиёд дар вазифаи ректори Донишкадаи педагогии шаҳри Кӯлоб ва баъди он дар дигар вазифаҳои масъул фаъолият намуд. Зимни дар ин вазифаҳо фаъолият намуданаш, ӯ бо хислатҳо ва фазилатҳои беҳтарини инсонияш намунаи ибрати дигарон буд. Хислати аз ҳама беҳтарини Тағай Раҳмонов ин хоксорӣ, фурӯтанӣ ва таҳаммулпазирии ӯ буд. Мошини хизматӣ надошт, пиёда ба кор меомад. Ана ҳамин хислатҳо буд, ки ӯ то охири умраш дар хонаи давлатӣ (обшежит) зиндагӣ мекард, ҳавлии воҳиманоки заминӣ надошт. Агар мехост, мисли дигарон чунин хонаи замонавӣ месохт, вале дар зиндагӣ шиори ӯ хизмат барои давлату миллат буд, на барои зиндагии бошукӯҳ ва бунёди қаср барои худ.

Яке аз хислатҳои дигари устод он буд, ки аз кормандон, ёру дӯстонаш, агар касе бемор мешуданду дар касалхона ё хонааш бистарӣ мегашт, ҳатман устод ба аёдаташ бо дастархону табақи хӯрок мерафт. Ё ин ки, агар дар вақти набуданаш (ҳангоми сафари хизматӣ ё рухсатии меҳнатӣ) касе вафот мекард, баъди бозгашт устод ҳатман касеро гирифта, ба хонаи ӯ мерафт, изҳори ҳамдардӣ намуда, дуою фотиҳа мекард.

Рости гап, чунин рафтору хислати устодро дида кас дар тааҷҷуб мемонд, як одами баобрӯи ҷамъият, олим, роҳбари муассисаи олии таълимӣ вақт ёфта, ин корҳоро анҷом медиҳад. Мо ҳамеша кӯшиш мекардем аз устод ин хислатро омӯзем, зеро Тағай Раҳмонов намунаи ибрати дигарон ва шоёни таҳсину офарин буд.

Солҳои 1991-1992 баъди пош хӯрдани ҳукумати Шӯравӣ ва коста гардидани обрӯи ҳизби коммунист ӯ боз ба донишкада баргашта, як муддат дар вазифаи ноиби ректор оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолият намуданд ва ман дар ин давра вазифаи мудири шуъбаи тарбияро ба уҳда доштам.

Ману устод дар утоқҳои ҳамшафати корӣ фаъолият менамудем. Устод дар утоқи дарун ва ман дар утоқи берун ҷой гирифтем. Дар давоми ду соли кориамон устод дари утоқи худро намепӯшиданд. Баъзе мавридҳо агар ман дарро мепӯшидам, устод бо оҳанги ҷиддӣ мегуфтанд: «Дарро кушода монед, ман аз шумо ягон сухану кори пинҳонӣ надорам».

Маълум аст, ки кори шуъбаи тарбия ниҳоят вазнин аст. Шуъбаи тарбия ба тартибу интизом, сару либос, китобу дафтардорӣ, таъмин намудани донишҷӯён ба дарсҳо, одобу ахлоқи омӯзгорону кормандони донишкада, тозагӣ ва ғайраҳо мувazzаф шуда буд. Ман нақшаҳои гуногуни кори тарбиявӣ, чорабиниҳоро тартиб медодам, гузоришу маълумотномаҳо омода месохтам, оид ба корҳои тарбиявӣ фармонҳо таҳия менамудам ва ба устод пешниҳод менамудам. Устод Тағай Раҳмонов аз назар мегузарониданд ва ба наздашон даъват менамуданд. Аз курсиашон хеста омада, дар рӯ ба рӯям менишастанд ва бо лафзи ҷиддӣ ва ширину нарм мегуфтанд: «Домулло, бисёр хуб омода кардаед, вале ба андешаи ман агар ин тавр мебуд, боз беҳтар мебуд».

Устод Тағай Раҳмонов бо ручка худашон (ручкаро устод бо ранги кабуд ё сиёҳ пур мекарданд) хатогиҳояшро ислоҳ карда, андешаҳои худро илова менамуданд. Он кас ин корҳоро мекарданд ва ман ба чеҳраи нурониашон пинҳонӣ нигоҳ мекардам ва дар чеҳраашон аломатҳои раҳнамоӣ, устодӣ, мураббигиро нисбат ба худам кашф менамудам. Аз устод бисёр чизҳоро меомӯхтам. Маҳз тартиб додани қарору фармонҳо, ҳисоботҳо, нақшасозиҳо, сабру тоқат, покизаю озода кор кардан, миллату ин сарзаминро дӯст доштан, кори имрӯзаро ба фардо нагузоштанро аз мактаби устод омӯхтам.

Як хислати аҷиби устод ин буд, ки дар утоқи кориашон пайваста кор мекарданд, аммо бегоҳӣ боз медидам, ки тӯдаи қоғазҳоро ғундошта ба портфелашон ҷой мекарданд. Мепурсидам, ки устод, ин коғазҳоро куҷо мебаред?

Устод мегуфтанд, ки “ба хона мебарам ва шаб кор мекунам». Ман бошам, ба худ андеша мекардам. Устодро бинед, шабу рӯз кор мекунанд.

Ҳамду сано ба чунин роҳбар, ба чунин олим, ба чунин инсон!

Устод Тағай Раҳмонов таъкид мекарданд, ки аз баски рӯзи истироҳат тинҷу ором аст, омада корҳои ба охир нарасидаро анҷом додан беҳтар аст. Дар болои мизи кориатон қоғазҳоро ғарам накунед, ҳар ҳуҷҷате, ки аз куҷо меояд, бо ҷавобаш ба ҷуздони худаш ҷой кунед, ҷойи кориатонро ҳамеша тозаю озода нигоҳ доред, ҳамаи ҳуҷҷатҳо, ҷузвдонро ба тартиб дароред. Таъкидҳои устоди зиндаёдам Тағай Раҳмонов то имрӯз шиори фаъолияти омӯзгорӣ ва рӯзгори ҳамешагии ман мебошад.

***Устоди гиромии мо профессори илми фалсафа ва сиёсатшиносӣ, собиқ ректори Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб, ноиби ректор шодравон Раҳмонов Тағай Раҳмонович буданд. Устод аз зумраи он шахсиятҳое буданд, ки тамоми умри бобаракати хешро сарфи илму маърифат, мактабу маориф намуда буданд. Ин марди шариф, порсо, донишошно, инсони комилу заминӣ, хушгуфтору ботамкин, ки сухан ба меҳр мегуфт, ба қадри инсон мерасид, бо мулоҳиза андеша меронд, ба кори хайр ҷаҳд менамуд, ба дӯстон машварат, ба ёру наздикон меҳрубониву шафқатро мепарастид, печу тоби умри худро ба тамоми маъниаш медонист.***

Аз ин рӯ, ҳамагуна кору вазифае, ки ба ӯ бовар карда месупориданд, бо сарбаландӣ ва беш аз он бар нафъи мардум ва бо некандешиву хайрхоҳӣ ба анҷом расонида мешуд. Маҳз шояд ба ҳамин хотир бошад, ки ӯ дар куҷое, ки кору фаъолият менамуд ва дар кадом вазифае, ки кор накарда бошад, ҳама эҳтиромаш менамуданд. Ҳар як мушкилот, душворӣ, каҷфаҳмие, ки мабодо пеш меомад, аз ӯ пинҳон намекарданд. Ҳатман маслиҳати Тағай Раҳмоновичро гирифтан лозим мегуфтанд, ки ин, албатта, бесабаб набуд.

Ёдатон ба хайр, устоди азизу меҳрубон, рӯҳатон шод ва манзили охирататон пурнур бод!

Ҷойгоҳи устод дар қалб ва ному пайкорашон дар ёди мо шогирдону ҳамкорон аст. Хотираи неки ӯ ҳамеша ҷовидон хоҳад монд, ба қавли Шайх Саъдии бузургвор:

***Саъдиё, марди накуном намирад ҳаргиз,***
***Мурда он аст, ки номаш ба накуӣ набаранд.***

***Грез Иброҳимов -***
***номзади илмҳои педагогӣ,***
***дотсенти кафедраи педагогика***

# Панди мондагор

***(андешаи бузургони ҷаҳон доир ба китобу китобхонӣ)***



*Китоб аст, ки таърихи куҳанбунёди мо, ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ, дурдонаҳои назми ҳазорсолаи мо, достонҳо ва илму дониши даврони бостонӣ, хираду заковати наслҳо ва халқҳоро зинда нигоҳ медорад. Китоб аст, ки бо нури донишу маърифат роҳи мардумонро равшан сохта, боиси ҳастиву пойдории миллат, таърих, забон, адабиёт ва фарҳанг гардидааст.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

*Роҳҳои кӯчаки зиёде вуҷуд доранд, то дунёи фарзанди шумо бузург шавад. Ишқ ба китоб беҳтарини ин роҳҳост.*

*Жоклин Кенедӣ*

*Маҷбур нестед барои аз байн бурдани як фарҳанг китобҳоро бисӯзонед. Фақат коре кунед, ки мардум онҳоро нахонанд.*

*Рей Бредберӣ*

*Хушбахт касе аст, ки ба ин ду чиз дастрасӣ дорад: ё китобҳои хуб ва ё дӯстоне, ки аҳли китоб бошанд.*

*Виктор Ҳюго*

*Қабл аз сӯҳбат кардан фикр кунед ва қабл аз фикр кардан мутолиа.*

*Фран Либовитз*

*Нигоҳе ба як китоб меандозӣ ва садое аз шахси дигаре мешунавӣ. Шахсе, ки шояд 1000 сол аст, ки мурдааст. Китоб хондан сафар аз тариқи замон аст.*

*Карл Саган*

*Саҳифаҳои китоб ба монанди болҳое ҳастанд, ки рӯҳи моро ба олами нур ва рӯшноӣ парвоз медиҳанд.*

*Вилтр*

*Китоб ҳамнишинест, ки туро хаста ва хавотир намегардонад. Дӯстест, ки туро фиреб намедиҳад. Рафиқест, ки ба ту озор намерасонад.*

*Шекспир*

*Хондан тори анкабутҳои зеҳнро пок мекунад. Қудрати тафаккурро тақвият медиҳад. Мохичаҳои мағзро варзида мегардонад. Қудрати таҳаммулро барои ҳақиқатҳои талх ва роҳҳои ҷадид боло мебарад. Хондан бузург шуданро ҷойгузини пир шудан мекунад.*

*Чарлз Суиндл*

*Китобҳо беҳтарин дӯст барои ҳамнишинӣ, беҳтарин мушовир дар замони тардид, беҳтарин оромбахши даврони афсурдагӣ, беҳтарин саргармии даврони бознишастагӣ, мутмаинтарин маводи доруӣ барои хастагӣ, беҳтарин варзиш барои зеҳн, зеботарин боғи табиат ва замини борвар барои бақои абадӣ ҳастанд.*

*Болструд Войт Лок*

*Дар поёни ҳар рӯз дубора итминон меёбам, ки хондан бузургтарин маҳорате аст, ки омӯхтаам. Китобҳо зеҳни маро ҳушёртар ва дарки маро аз ҳақиқат васеътар кардаанд. Аз ҳама муҳимтар он ки ба зиндагии ман аҳдофи бузург бахшидаанд.*

*Адам Вайтӣ*

**“Анвори дониш”**

# БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ЗИНДА МЕДОРАНД

*(Соҳиб Табаров дар шинохти профессор Аламхон Кӯчарзода)*

**Агар касби муаллимиро интихоб карда бошед, аз сидқи дил ба шогирдон таълиму тарбия диҳед. Агар олими ҳақиқӣ шуданӣ бошед, маҳсул диҳед, эҷод кунед, кашфу ихтироъ кунед, кору осори устодонатонро инкишоф диҳед, дузди илмӣ нашавед, ба адолати илмӣ роҳ диҳед, аз худатон беҳтар шогирдон омода созед, мактабу семинари илмӣ дошта бошед, ҳеҷ гоҳ ба рашку ҳасад роҳ надиҳед...**

**(С. Табаров, "Таассуроти ақлу дил").**

*Идома аз шумораи №6 (351), 18.09.2024*

...Муаллиф бо истифода аз маъхазҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла дафтари "Таассуроти ақлу дил" муайян намудааст, ки барои С. Табаров касби муаллимӣ боарзиштарин ва асоситарин маҳсуб меёбад. С. Табаров, ки ҷисман маъюб буд ва ранҷи ятимию бечорагиро кашида буд, роҳе, касберо меҷӯст, ки ба тану ҷисми ӯ мувофиқ ояд ва дар оянда аз уҳдаи он бо сарбаландӣ баромада тавонад. Албатта, ин касб омӯзгорӣ буд. Фаъолияти омӯзгории С. Табаров аз солҳои 1937 сар шуда, то вопасин лаҳзаи умри худ идома ёфт. Ҳам дар курси маҳви бесаводӣ, ҳам дар мактаби миёна ва ҳам дар омӯзишгоҳи шаҳри Кӯлоб С. Табаров бо иродаи қавӣ ва масъулияти баланд ба касби омӯзгорӣ муносибат мекард. Албатта, давраи асосии омӯзгории мавсуф, ки хеле пурсамар аст, фаъолият дар Универистети давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) марбут мебошад. Дар ин ҷода як қатор китобҳо, аз қабили "Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик", "Дастури таълимӣ доир ба назарияи танқиди адабӣ", "Адабиёти муосири советӣ", "Асосҳои назариявии танқиди адабӣ", "Методи таҳлили асари бадеӣ" таълиф намудааст.





Профессор Аламхон Кӯчарзода фаъолияти омӯзгории Соҳиб Табаровро бо як равиши муайян қайд намуда, зимни таҳлил ба чунин хулоса омадааст, ки "Устод худқурбонӣ, ҷонфидоӣ ва серталабиро аз сифатҳои аслии касби муаллимӣ медонад ва муаллиме, ки баҳри ободии Ватан ва ояндаи халқаш талош меварзад, ҳамаи ин душвориҳоро бо як матонат паси сар мекунад, чунончи худи устод Табаров, ки гуфтааст: "Касби муаллимӣ дар хунам меҷӯшад ва бе он зиндагӣ карда наметавонам".

Муаллиф мактаби адабиётшиносии Соҳиб Табаровро ба се давра ҷудо намудааст. Давраи якум ба замони донишҷӯӣ ва аспирантии С. Табаров рост омада, давраи дуюм бо таълифи китоби "Материалҳо оид ба омӯхтани таърихи адабиёти советии тоҷик" ва ҳимояи рисолаи номзадӣ (1949) иртибот гирифтааст. Муаллиф дар ин давра дар баробари таълифи рисолаҳои илмӣ, ба фаъолияти мунаққидӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, осори қисме аз асарҳои нави адибони тоҷикро, ки дар солҳои 40-80 асри XX фаъолият намудаанд, мавриди таҳлил қарор дода, ҳусну қубҳи онҳоро муаяйн намудааст. Аз ҷумла, тақризҳои С. Табаров оид ба ҳикояи "Дар размгоҳ"-и С. Улуғзода бо номи "Асари камқимат" (1946), ва достони "Ҳасани аробакаш" (1955) таҳлил гардида, натиҷаи мусбат ба бор овард. "Мулоҳизаҳои холисона ва воқеъбинонаи танқидии С. Табаров, – нигоштааст А. Кӯчарзода, – шоири ҳақиқатпазирро (М. Турсунзода – Ш.Ҷ.) водор мекунад, ки асарро ҷиддан таҳрир намуда, ба он ғайр аз тағйироти ҷузъӣ 48 банди чаҳормисраъгӣ илова намояд ва бо ҳамин ба офаридани як асари марҳалавиву навоваронаи таърихи назми давраи нави тоҷик муваффақ шавад".

Инчунин, тақризҳои пайдарпайи мунаққид ба эҷодиёти М. Қаноат, Ф. Муҳаммадиев, М. Хоҷаев, Ю. Акобиров, Ғ. Сафарзода, Г. Сафиева ва ғ. рӯйи чоп омада, адибони ҷавонро ба кори эҷодӣ боз ҳам ҷиддӣ ва серталаб машғул гардидан роҳнамоӣ менамояд.

Баррасии вижагиҳои хоси мактаби адабиётшиносии С. Табаров як бахши дигари китобро ташкил дода, муаллиф онро, пеш аз ҳама, дар пайванди илму таълим ва робитаи мустаҳками ҷанбаҳои назариявию амалии онҳо медонад. Далели чунин баҳогузории муаллиф таълифи барномаю дастурҳои таълимию методӣ ва китобҳои дарсӣ аз ҷониби С. Табаров маҳсуб меёбад.

Профессор А. Кӯчарзода давраи сеюми фаъолияти адабиётшиносии Соҳиб Табаровро (даврони соҳибистиқлолии кишвар), ки таҳқиқи таърихи адабиёти ибтидои асри XX маҳсуб меёбад, бо мисолҳои зиёде баррасӣ намуда, эҷоди асарҳои мондагори адабиётшиносро, ки дорои аҳаммияти калони илмӣ ва таълимию тарбиявӣ мебошанд, дар таърихи адабиёти муосири тоҷик муҳимму зарурӣ арзёбӣ кардааст. Китобҳои "Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899)" (2008), "Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим" (2011), "Ҷаҳони андешаҳои Абдурауфи Фитрат" (2008-2009) аз қабили чунин таҳқиқот маҳсуб меёбад.

Доираи таҳқиқоти адабиётшиносии Соҳиб Табаров доманадор буда, "паҳлуҳои гуногуни илмҳои филологияи тоҷикро кашф карда ва рушду нумӯ бахшида, дар китоби таърихи фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳифаҳои рангину муътамад ворид намуданд. Ин мактаб алҳол дар айни рушд қарор дорад".

Саҳми С. Табаров дар шинохти намояндагони адабиёти классики форсу тоҷик паҳлуи дигари китобро ташкил медиҳад. Устод Аламхон Кӯчарзода ин масъаларо дар мисоли шахсият ва осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Камоли Хуҷандӣ пайгирӣ намуда, талошу кӯшишҳои адабиётшинос ва мунаққид С. Табаровро дар ин самт нишон додааст. Аз баррасиҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда равшан мегардад, ки С. Табаров бо таълифи мақолаҳои илмӣ қадру қимат ва эътибори ин ду намояндаи номдори адабиётамонро дар лаҳзаҳои ҳассос ва шароити нави таърихӣ инъикос кардааст.

Айнишиносӣ ҷузъи асосии мактаби илмии С. Табаровро ташкил медиҳад ва мунаққид бори аввал тавассути рӯзгор ва осори файзбори устод Айнӣ ба марҳалаи нави эҷодӣ қадам гузошт ва барҳақ худро шогирди эшон медонад. Профессор А. Кӯчарзода ин мавзуъро дар асоси китоби "Романи "Ғуломон"-и Садриддин Айнӣ ҳамчун асари таърихӣ" баррасӣ намуда, ин асарро бо масъалагузорӣ, баррасии амиқ, хулосаҳои мушаххаси илмӣ дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти комилу пурмуҳтаво арзёбӣ кардааст.

Соҳиб Табаров яке аз муҳаққиқони асосии рӯзгор ва осори Абдулвоҳиди Мунзим низ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла рисолаҳои "Мунзим. Беҳбудӣ" (2002), "Мунзим – роҳбари ҷамъияти ҷавонон ва фирқаи ҷавонбухориён" (2003) ва "Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим" (2008) фаъолияти пурсамари мунаққид дар ин самт мебошад. Аз муҳокимаю баррасиҳои муаллиф аён мегардад, ки Соҳиб Табаров бо эҷоди асарҳои ба рӯзгор ва осори Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим бахшидашуда симои ӯро чун шахсияти барҷастаи маорифпарвар, инқилобчӣ ва мубориз зиндагии огоҳонаву арзандаи халқи тоҷик инъикос кардааст.

Инчунин, таваҷҷуҳи адабиётшинос Аламхон Кӯчарзодаро маҳорати мусиқишиносии С. Табаров ҷалб намуда, бар асоси мақолаҳои "Сарвати бебаҳои зиндагӣ", "Ёде аз Одина Ҳошим", "Мусиқӣ зарурати зиндагист", "Суруди диловез", "Устоди бузурги музика" ва мулоҳизаҳои мунаққид аз дафтари "Таассуроти ақлу дил" ин мавзуъро пайгирӣ намудааст. А. Кӯчарзода мушаххас намудааст, ки Соҳиб Табаров мусиқиро зарурати зиндагии инсоният медонад. Вай ҳамчун мунаққид нигаронии худро баъзан аз косташавии маърифати оҳангсозию сарояндагӣ баён намудааст. Дар мақолаи "Мусиқӣ зарурати зиндагист" ҷанбаи маърифатомӯзию инсонпарварона доштани мусиқии халқии тоҷик ва касбиро таъкид намудааст: "Ҳоло бошад, махсусан қисми зиёди ҳофизони ҳаваскор ва булҳавасу беҳунари хонаҳои маданияту клубҳо ва ҳатто баъзе ҳофизони касбию унвондор дар суруду тарона ба гиряву лоба, баёни ҳасби ҳоли пуряъсу пуралам аҳамияти калон медиҳанд".

Боиси қайд қайд аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ мусиқии тоҷик то як андоза бо ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ рӯ ба инкишоф намуда истодааст.

Ҳамин тариқ, Соҳиб Табаров ҳамчун адабиётшинос ва мунаққид оид ба умдатарин масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, махсусан адабиёти муосири тоҷик асару мақолаҳои зиёде таълиф намудааст, ки бо масъалагузорию навовариҳои худ дар инкишоф ва рушди адабиётшиносии тоҷик мақоми махсус дорад.

Боби сеюми китоби "Абармарди роҳи омӯзишу парвариш" оид ба рӯзнома ва осорхонаи С. Табаров марбут мебошад. Профессор А. Кӯчарзода нахуст "Таассуроти ақлу дил" ном хотироти С. Табаровро таҳлилу баррасӣ намуда, равшан намудааст, ки он аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷа ва услуби баён ҷолибу пурмуҳтаво мебошад. Дар дафтарҳои хотироти С. Табаров ҷараёни зиндагии пуршӯри як шахсияти огоҳдили фарҳангӣ бо тамоми паҳлуҳояш ҳувайдо мешавад. Инчунин муҳити адабии давр, нишастҳои эҷодӣ, маросимҳо, урфу одат ва суннатҳои мардумӣ низ хотирмон таҷассум ёфтаанд.

Аз рӯйи қайди муаллиф хотироти С. Табаров дар 122 дафтари 96 варақа қайд гардида, пеш аз ҳама, аҳаммияти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявиро доро мебошанд. Аз ҷумла, қайди зерини С. Табаров басо ҷолиб мебошад: "Ҳар як кор, чи хурду чи калон, нек аст ё бад, агар ӯро дӯст дорӣ, хуб аст. Фарроши беҳтарин аз муаллими бад беҳтар аст, чун яке бо дилсӯзӣ, самимона кор мекунад, дигаре дилсардона, бепарвоёна ва бемасъулиятона".

Умуман, "Таассуроти ақлу дил" фарогири масъалаҳои гуногуни илмию адабӣ, маърифатию инсондӯстӣ буда, симои Соҳиб Табаровро чун шахси фозилу донишманд, сарсупурдаи роҳи илму дониш ва фарзанди вафодори Ватани азизамон ҳувайдо мекунад.

"Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров" иншооти фарҳангие мебошад, ки дар маркази ноҳияи Муъминобод қарор гирифта, ҳамчун макони илму маърифат хонандагони зиёдеро фаро гирифтааст. Муаллиф таърихи таъсис, талош ва кӯшишҳои С. Табаровро дар ташкили ин муассиса, тарзи ҷойгиршавӣ ва фонди китобхонаро ёдоварӣ шуда, барои омӯхтани ақидаҳои адабӣ-эстетикӣ ва фаъолияти танқидии устод Табаров, дастрасӣ ба адабиёти бадеӣ барои хонандагони ноҳия, мусоидат барои ташаккули сайёҳии фарҳангӣ-адабӣ дар дохили кишвар "Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров"-ро муҳим арзёбӣ кардааст.

Аз дафтари "Таассуроти ақлу дил" овардани чанде андешаҳои Соҳиб Табаров хонандаро ба сӯи ахлоқи ҳамида, таҳаммулпазирию меҳнатдӯстӣ ва ҳалол кор кардану содиқ будан ба касби интихобкарда ва Ватани азизамон раҳнамун месозад.

Хулоса, профессор Аламхон Кӯчарзода дар китоби "Абармарди роҳи омӯзишу пажӯҳиш" ҳаёти ибратомӯз ва осори мондагори адабиётшинос ва мунаққид Соҳиб Табаровро ба таври мушаххас, бо истифода аз маъхазҳои гуногуни илмӣ, махсусан бойгонии адабиётшинос таҳлилу баррасӣ намудааст. С. Табаров дар шинохти профессор А. Кӯчарзода шахсияти бонуфузи фарҳангӣ, омӯзгори асил, адабиётшинос ва мунаққиди барҷастаест, ки асарҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва танқидии таълифнамудааш на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он низ хонандаи худро пайдо кардааст.

Ба андешаи мо, таълифи китобҳо оид ба ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои илмию фарҳангӣ, ба монанди Соҳиб Табаров муҳим ва саривақтӣ буда, аҳамияти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявиро доро мебошанд. Инчунин хонандаро дар руҳияи илмдӯстию заҳматписандӣ ва қаноатмандӣ тарбият менамояд.



*Шамшоди Ҷамшед-дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик*

# МУҚАДДАСТАРИН КАСБИ РӮЙИ ОЛАМ

Дар тамаддуни инсонӣ, бешак, нақши устод, омӯзгор, пиру пешво мавқеи меҳвариву ҷойгаҳи хосса дошта, маърифати олами ҳастӣ аз ҷониби фарзанди одамӣ маҳз тавассути таълиму тадрис имконпазир гардидааст. Қавме, халқияте, миллате, тамаддуне, ки ба масъалаи таълиму тарбия ва парвариши наслҳо аҳаммияти ҷиддӣ қоил шуда, ба қуллаҳои муроду мақсуд расидаву ҳастии шоистае доштааст.

Дар тамаддуни оламгири тоҷику форс мавқеи устоду омӯзгор, пири кор, собиқадори бомулоҳиза ҳамеша пешвару қобили посдориву қадршиносӣ будааст. Чунончи ҳамагон шоҳид ҳастем, адибону номварони ниёгони мо дар ҳаққи устод каломи нобу воло суруда, қадру манзалати устодро сутудаанд. Ҳадаф аз сутудану посдории шахсияти устод, агар аз як тараф ибрози эҳтироми самимият ва меҳру ихлос ба омӯзгор бошад, аз тарафи дигар талқини насли наврасу ҷавон ба қоил шудани таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои устод, зуҳури ҳиммат баҳри азбар кардани дастурот, илму дониш, панду ҳикмати ин ахтари равшанибахши масири ҳаёти одамӣ мебошад. Зеро, чунончи аз назокатҳои равоншиносӣ бармеояд, зеҳни одамӣ иттилооту донишро аз манбаи мавриди таваҷҷуҳу эҳтиром ва муътабару бонуфуз зуд ва хуб пазируфта, ба дарозо ҳифз ва шоиста ба татбиқу корбарӣ дармеёбад.

Ҳадафи Ҳукумати кишвари биҳиштмаъвову фарзонапарвари мо низ таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои хирадойини миллат, маорифпарвари асил, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тақвияти пайвастаи мартабаву мақоми омӯзгор дар ҷомеа аз ҳамин иборат буда, рушди соҳаи илму маориф ҳамеша дар меҳвари сиёсати иҷтимоии мамлакат қарор дорад.

Чунончи Пешвои маҳбубу омӯзгори беминнати наслҳои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар машварати умумиҷумҳуриявии кормандони соҳаи маориф ҳанӯз 22 декабри соли 2005 мақоми омӯзгорро арзёбӣ карда буданд: «Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯйи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон мебошад».

Оре, каломи меҳрафзои омӯзгор аст, ки шогирдони худро тавассути тарбияи комил ба омӯхтани илму дониш, азбар намудани ахлоқи ҳамида раҳнамун сохта, дар замири онҳо меҳру муҳаббатро нисбат ба сарзамини ободу соҳибистиқлоламон бедор менамояд.

Мутафаккирону шоирони қарнҳои гузашта меҳнату заҳмати омӯзгорро қадр намудаанд ва таъкид бар он доштанд, ки дар ҳама ҳолат ба қадру манзилати омӯзгор бояд расид. Маҳз заҳмати беқиёси омӯзгор аст, ки ҳар афроди ҷомеа соҳибхираду донишманд, соҳибсухану озодмард гардида, дар ҳаёт ба хушрӯзию комгорӣ мерасад. Ҳар он касе, ки аз омӯзгори хеш таълими дурусту тарбияи нек дид, албатта, дар таълиму тарбияи фарзандони хеш низ муваффақ мегардад ва аз сабақи илму таҷрибаи рӯзгор гирифтааш шукргузорӣ менамояд, аз устоди хеш розию ифтихор менамояд. Ифтихор аз он менамояд, ки чунин фарзандони баору номусро ба воя расонидааст.

Аз ин боис, ҳар фарди солимақлу тарбиятдида вазифадор аст, ки дар ҳама ҳолат омӯзгор-муаллими худро эҳтиром намояд ва ба қадраш бирасад. Аксарияти удабою шуаро ҳаққи устодро то ҷое аз падар беш донистаанд. Камолиддини Биноӣ ба ин маънӣ чунин овардааст:

*Ҳаққи устод аз падар беш аст*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*
*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад.*

Омӯзгор шахсиятест, ки аз қатра дарё меофараду ба нобино дидаи равшан ато мекунад ва аз сангпораҳо лаълу дурр меофарад.



Ба ин маънӣ суханшиносе фармудааст:

*Муаллим кашад ранҷ аз дилу ҷон,*
*Зи сангпора бисозад лаъли рахшон.*

Дарвоқеъ, омӯзгори асил касест, ки аз хирмани илму дониш донаҳо чида, донишу маҳорат ва таҷрибаи омӯзгориашро ташаккул дода, хешро ҳамчун омӯзгори воқеан ҳам ҳақиқӣ омода месозад ва симои аслии худро нишон дода метавонад. Ба ибораи халқӣ гӯем: муаллим аст, ки ҷаҳон обод аст.

Дар радифи ин гуфтаҳо овардани шоҳбайти Абдураҳмони Ҷомӣ, ки баҳои ҳаққонӣ нисбат ба омӯзгор ва бузургии ӯст, ҳақиқати ҳол аст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Умуман, нақши омӯзгор чи дар гузшта ва чи дар ҷомеаи кунунии мо хеле назаррас аст.

Таваҷҷуҳи пайваставу ғамхории ҳамешагии Пешвои маърифатпарвари миллат аст, ки имрӯзҳо дар фазои сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдилӣ ҳар як шарафёфтаи касби омӯзгорӣ мекӯшад толибилмонро дар рӯҳияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ба воя расонад, зеро ҳар як сухани пандомези Сарвари давлат ба мо рӯҳу илҳоми тоза мебахшад.

Дар ҳақиқат, Пешвои миллат нисбат ба илму маориф, хосатан, ба омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, эҳтироми зиёд доранд. Ҳамин аст, ки омӯзгоронро «машъалафрӯзони роҳи имрӯзу фардои миллат» номидаанд. Дар баробари тадбирҳои пайвастаи ҳавасмандсозӣ, таъмини шароити маишӣ, афзунсозии қариб ҳамасолаи музди маоши кормандони соҳа, имтиёзҳои иҷтимоӣ, дар суханронии навбатӣ бахшида ба Рӯзи Дониш ва Дарси Сулҳ пешниҳод намуданд, ки мақомҳои ваколатдори қонунбарор лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мавқеи омӯзгор»-ро таҳия намуда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Чунин як иқдоме дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демокративу ҳуқуқбунёд, воқеан, ташаббусе таърихӣ, азме таҳаввулбахшу хусравонӣ, тадбире сутуданӣ, илҳомбахши аҳли соҳа буда, аз ташаккули комили низоми қонунгузории миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол дарак медиҳад. Дар зимн, чунин ғамхориву таваҷҷуҳ ва мавқеъафзоиву имтиёзқоилшуданҳо боиси масъулияти бештару фаъолияти беш аз пеши синасӯзонаи аҳли илму маориф мебошад.

Аз ин рӯ, ҳар яки мо меросбарони ганҷи маърифат, хоса омӯзгорони ҷавонро зарур аст, ки дар баробари ин ҳама иқдомоту қадршиносиҳои Ҳукумати мамлакат аз худ шоистагиҳо нишон дода, пайваста рӯйи маҳорату малака, савияи дониши касбӣ ва забондонии хеш кор кунем, пайрави содиқу сарафрози Пешвои маърифатпарвари миллат бошем, насли наврасу ҷавонро чун фарзандону ҷигарбандони хеш азиз дониста, нисбат ба ояндаи онҳо ботаваҷҷуҳ бошем, ба суханони волои бузургон, ки дар васфи устоду омӯзгор гуфтаанд, сазовору ба эҳтироми воқеии аҳли ҷомеа шарафёб бошем.



*Исозода Парвиз - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг*

# ОМӮЗГОР КИСТ ВА МАНЗАЛАТАШ ДАР ЧИСТ?

**Мақому манзалати омӯзгор дар ташаккули фарҳанги ниёгони мо ҳамеша бузург арзёбӣ гардида, ӯро тарбиятгари инсон, чароғи роҳнамо ба сӯйи фардои дурахшон, такконбахши рушди ҷомеа ва саҳмгузори рушди неруи ақлонӣ номидаанд. Имрӯз низ ин гуфтаи бузургони илму хирад пойбарҷо буда, ҳамеша аз нақши ӯ мегӯянду ба бузургияш арҷ мегузоранд...**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Аз ин гуфтаҳо моро зарур меояд донем, ки омӯзгор кист?

Омӯзгор ё муаллим - касест, ки пешааш омӯзиш ба дигарон мебошад ва «омӯзишу парвариш» ё «таълиму тарбия» шуғлу кори ӯ ба шумор меравад.

Дар ҳама давру замон ҷомеаи ҷаҳониро бе устод, муаллим, омӯзгор дарк кардан хеле душвор мебошад. Зеро моро устод таълим медиҳад ва бо роҳи рости зиндагӣ омода менамояд. Бузургон беҳуда нагуфтаанд- муаллим мисли шамъ аст, худаш месӯзад ва ба дигарон равшанӣ мебахшад. Худ қазоват кунед, ки дар ҷомеа омӯзгор набошад он ҷомеа ё табақа аз бесаводӣ ба нестии маънавию фарҳангӣ рафта, миллат аз байн меравад.

Агар барои қабои сабз ба бар намудани замин баҳор лозим бошад, пас барои баркамолӣ ва инкишоф ёфтани инсон, устод рамзи баҳор мебошад. Оре, бе устод кас наметавонад аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд.

Барои қадрдонӣ намудани меҳнат ва заҳмати ҳамешагии муаллим дар ҳама давру замон эътибори хоса дода мешавад. Маврид ба зикр аст, ки дар собиқ ҶШС Тоҷикистон аз 28 апрели соли 1940, дар асоси Қарори Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон унвони фахрии Муаллими хизматнишондодаи мактаби ҶШС Тоҷикистон (1940-1988) таъсис карда шуд. Минбаъд ин унвон ба Ходими хизматнишондодаи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон (1989-1991), Корманди шоистаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-1996) иваз шуда буд. Дар замони соҳибистиқлолӣ аз соли 1996 баъди тағйирот номи унвони фахрии Муаллими шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст.

Бояд ҳаминро низ қайд намоям, айни замон нишони Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон вуҷуд дорад. Бо ин нишон кормандони беҳтарини муассисаву корхонаҳои маориф қадр карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус равона гардида, барои кору фаъолияти судманду мондагори онҳо дар ҷомеа шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар ин маврид низ Пешвои миллат дар ҷое иброз доштаанд: "Нақши омӯзгор дар таълиму тарбияи насли наврас бениҳоят бузург аст. Муаллим, пеш аз ҳама, афрӯзандаи чароғи дурахшони илму дониш аст ва хушбахтона, қисми асосии зиёиёни кишварро муаллимон ташкил мекунанд. Бинобар ин, вазифаи асосии муаллим дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчунин омӯзонидани адаб ва ҳидояту роҳнамоии шогирдон ба роҳи рост мебошад. Ин амр бояд ба меъёри ахлоқии фаъолияти муаллим табдил ёбад".

Ба гуфта ва таъкиди бештари равшанфикрон дар соҳиби илму дониш ва ахлоқи ҳамида гардидани фарзандон дар баробари волидайн омӯзгорон ҳам вазифадоранд. Ва бисёр хуб аст, ки имрӯз омӯзгорон ин вазифаи хешро дар сатҳи зарурӣ иҷро намуда истодаанд.

Хурсандиовараст, ки барои қадр кардани заҳмати омӯзгорон ва ёдоварӣ намудан аз фаъолияти содиқонаву самимонаи онҳо дар самти таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон ҳар сол якшанбеи аввали моҳи октябр дар Тоҷикистон ҳамчун Рӯзи омӯзгор дар сатҳи баланд ҷашн гирифта мешавад. Таҷлили Рӯзи омӯзгор дар кишвар шаҳодати он аст, ки роҳбарияти олии мамлакат ба омӯзгорон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ доранду нақши онҳоро дар ба камол расидани насли ояндаи кишвар муҳим медонанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии навбатиаш рузи 1.09.20024 хотирнишон намудаанд: "Дастгирии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор, дар навбати аввал аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки аҳли маориф дар рушди неруи инсонӣ саҳми бевосита дошта, яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад ва гузашта аз ин, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустаҳкам дорад". Илова бар он сарвари давлат кайд намуд, ки дар ин самт бояд қонунҳое ба тавсиб расонидан даркор, ки ба талаботи рӯз ва ба вазъи маишии омӯзгорон таъсир расонад.

Шодиовар аст, ки омӯзгорон роҳнамову роҳкушои аҳли башар ба сӯйи дониш, илм, маърифат ва камолоти маънавиянд. Онҳо ҳидоятгари роҳи ростӣ, роҳи орӣ аз ҳама гуна кирдорҳои бади инсонӣ, ташвиқкунандаи роҳи дониш ва камолоти инсони мебошанд. Маҳз омузгоронанд, ки имрӯз ҳар яки мо аз илму дониш бархурдорему ҳама баҳри ҳаёти маърифатнок доштан саъю кӯшиш карда истодаем.

Дар воқеъ дар тарбияи насли худогоҳу худшинос ва ватандӯст омӯзгор нақши муҳим дорад ва калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад.



*Одинаев Абдулфаёз-муаллими калони кафедраи методикаи таълими информатика*

*Агар ҳаст мард аз ҳунар баҳравар,*
*Ҳунар худ бигуяд,на соҳибҳунар. Саъдӣ*



# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ВА РӮЗИ ОМӮЗГОР




Таърихи 4-уми октябри соли 2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи омӯзгор чорабинии тантанавӣ бо иштироки ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, роҳбарони сохторҳо ва ҳайати устодону кормандон баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ ҳайати омӯзгорону кормандон ва аҳли маорифи кишвару ҳамдиёрони шарифро ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ-унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар як миллат, рукни устувори давлатдории мустақил, кафили бақои миллату тамаддуни оламгир, инчунин, гиромидошти Рӯзи омӯзгорон – машъалафрӯзони роҳи саодат, мураббиёни насли бомаърифату хушахлоқ табрику таҳният гуфта, таъкид дошт, ки арҷгузорӣ ба Рӯзи забони давлатӣ ва таҷлили Рӯзи ҷаҳонии омӯзгор барои мардуми фарҳангдӯсти кишвар, аҳли илму маориф, соҳибони забони нобу кӯҳанбунёд рамзи неки иттиҳоду ҳамбастагӣ ва фаъолияти созандаву дастаҷамъона дар партави сиёсати хирадбунёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат мебошад.

Ишора рафт, ки забони тоҷикӣ дар пайванди маҳкам бо гӯишҳои ҳамрешаи худ – забони дарӣ ва форсӣ – дар раванди садсолаҳои фаротаърихӣ ҳамчун забони тамаддунофар дар минтақаҳои густурдаи ҷаҳон аз мавкеияту азамати фарҳангии вижа бархӯрдор буд ва аз баракати сиёсати хирадбунёди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар зодгоҳи худ мақоми пешин ва деринаи худро соҳиб гардида, чун дар асри тиллоии тамаддуни тоҷикон – аҳди Сомониён – ба забони расмӣ, сиёсат, ҳуқук, иктисод, илму фарҳанг табдил гардида, мавриди корбурд қарор гирифтааст.



Дар идома Саидзода Муҳаммад-мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент дар мавзуи “Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди забони давлатӣ” ва Саодати Раҳмоналӣ – номзади илмҳои педагогӣ, директори боғчаи бачагони “Ситора”-и донишгоҳ дар мавзуи “Эҳтиром ба омӯзгор-эҳтиром ба ояндаи миллат” маърӯза намуданд.

Дар идома як қатор омӯзгорони донишгоҳ барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон, Ифтихорномаи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, тухфаҳои хотиравӣ ва Сипосномаи Раёсати донишгоҳ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи омӯзгор қадрдонӣ гардиданд.

Дар бахши музокирот мудири кафедраи химия ва методикаи таълими он, дотсент Холиқов Сафар ба сухан баромада, нақш ва ҷойгоҳи омӯзгорро дар таълиму тарбия ва баркамолии башарият муҳиму муассир арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки дарвокеъ, омӯзгор муҳандиси руҳу ҷисми инсон, офарандаи тамоми шоҳкориҳои қадиму имрӯз, фатҳкунандаи баландтарин қуллаҳои илму маърифат ва равшанкунандаи роҳи насли башар аст. Омӯзгор шабеҳи шамъест, ки бо сӯзиши ҷавҳари ҳастии хеш оламро мунаввар месозад ва худ дар ин роҳ фано мешавад ва ҳаргиз аз ин амал хаставу пушаймон нест, чаро ки рисолаташ чунин аст.

*Тошматов Умарҷон, «Анвори дониш»*

# ИСТИҚБОЛИ ҒОЛИБИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “ТОҶИКИСТОН - ВАТАНИ АЗИЗИ МАН”

Дар саҳни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 07.10.2024 раёсат ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ғолиби озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон-Ватани азизи ман"-Назриев Суннатулло, корманди ансамбли “Наво”-и бахши фарҳанги донишгоҳро дар вазъияти тантанавӣ бо шукӯҳу шаҳомати хоса бо гулу гулдастаҳо истиқбол намуданд.



5 октябр, дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маросими ҷамъбасти даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон-Ватани азизи ман" ва тухфасупорӣ ба ғолибони он баргузор гардид. Хурсандиовар аст, ки зимни натиҷагирии озмун Назриев Суннатулло-корманди ансамбли “Наво”-и бахши фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба гирифтани ҷойи 3-юм шарафёб гардида, бо диплом ва маблағи пулӣ дар ҳаҷми 15 000 сарфароз гардонида шуд.

Сипас, дар бинои маъмурии донишгоҳ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Нахуст, муовини ректори донишгоҳ оид ба таълим, дотсент Абдусамадзода Эраҷ суханронӣ намуда, ғолиб ва роҳбарашро барои расидан ба ин муваффақияти назаррас табрик намуда, дар корҳои минбаъдаашон барору комёбӣ таманно намуд. Дар ин баробар таъкид шуд, ки ғолиб ва роҳбари он аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ ҳавасманд гардонида мешавад.

Сипас, ғолиби озмун миннатдории самимии худро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳату ташкилу баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва ба раёсату ҳайати устодону омӯзгорони донишгоҳ барои дастгириҳои ҳамешагӣ изҳори миннатдорӣ намуд.




Бояд қайд намуд, ки иштироки донишҷӯён ва кормандони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин озмун назаррас буда, соли гузашта низ музаффариятҳои намоён доштанд.

Соли 2023 Одинаев Фазлиддин, корманди бахши фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи “Номинатсияи навозандагӣ” соҳиби ШОҲҶОИЗА ва 50 000 сомонӣ гардида буд. Инчунин Қаландарбекова Моҳбибӣ, донишҷӯи соли 4-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг дар жанри анъанавии “Номинатсияи сарояндагӣ” (аз 18 то 40-сола) сазовори Дипломи Озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” гардидааст.

*Амируллозода Ҷаҳонгир, «Анвори дониш»*

# ФАЛСАФАИ НОСИРИ ХУСРАВ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ



Бо чунин ном санаи 22.10.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар асоси Нақшаи фаъолияти Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон барои соли 2024, ки аз ҷониби Раиси Ҳаракат, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расидааст, дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ҳамоиши илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Фалсафаи Носири Хусрав ва масъалаҳои ҳувияти миллӣ» баргузор гардид.

Дар ҳамоиши илмӣ-амалӣ раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон – Рудобаи Мукаррам, раиси шаҳри Кӯлоб – Назарзода Бахтиёр Худоёр, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – Лутфия Абдухолиқзода, директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Абдураҳим Холиқзода, муовини ректор оид ба корҳои таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - Абдусамадзода Эрач иштирок ва маърӯза намуданд.



Инчунин, дар ҳамоиши илмӣ-амалӣ роҳбарон ва намояндагони ташкилоту муассисаҳои шаҳри Кӯлоб, собиқадорон, аъзои Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, олимон, муҳаққиқон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Кори ҳамоиш бо сухани ифтитоҳии Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон - Рудобаи Мукаррам оғоз шуд. Рудобаи Мукаррам саравал, аҳли толорро ба даргоҳи илму маърифат хайрамақдам гуфта, мавзуи ҳамоишро ба ҳозирин шарҳ дод. Қайд гардид, ки ҳадаф аз баргузории чунин як чорабинии бошукӯҳ баланд бардоштани худшиносиву худогоҳӣ, ифтихор аз давлату давлатдорӣ, таҳким бахшидани ҳувият ва асолати миллӣ, гиромидошти арзишҳои муқаддаси миллат, дарк намудани воқеияти таърихӣ ва ручӯъ кардан ба ашъори гаронмояи шоири тавонову орифи номдор - Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад. Гуфта шуд, ки Носири Хусрав яке аз номдортарин ва шинохтатарин шахсияте аст, ки дар ташаккули ҳувияти халқи тоҷик саҳми бориз дорад. Имрӯз мо дар партави сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шоҳкории пурғановати адабии Носири Хусрав баҳрабардорӣ менамоем.

Дар идомаи ҳамоиш раиси шаҳри Кӯлоб – Бахтиёр Назарзода дар мавзуи «Нақши шахсияти Носири Хусрав дар таҳкими ваҳдати миллӣ» маърӯза намуда, оид ба зиндагинома, осор ва фаъолияти сиёсии Носири Хусрав изҳори назар кард. Гуфта шуд, Носири Хусрав симои барҷастаи адабиёт ва ирфони тоҷик мебошад, ки дар ташаккули худшиносии миллии халқи мо саҳмгузорӣ намудааст. Аз 166 мавзуи девони ашъори Носири Хусрав 77 мавзуъ ба ватан, ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва гиромидошти аслу асолати миллии мо бахшида шудааст, ки ин худ далели гуфтаҳои болост.



Дар маърӯзаи Директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Абдураҳим Холиқзода дар мавзуи «Назаре ба афкори ҳуқуқӣ ва сиёсии Носири Хусрави Қубодиёнӣ» қайд гардид, ки Носири Хусрав идомадиҳандаи андешаву афкори гузаштагони пурифтихори мо, бахусус Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ, Фирдавсӣ ва дигарон маҳсуб меёбад. Ӯ шоири насиҳатгар ва омӯзгори ботаҷрибаи ҳаёт мебошад. Абёти маснавиҳои «Саодатнома» ва «Рӯшноинома» пандҳои судманде мебошанд, ки ба мардум роҳи зиндагии хуши инсониро нишон медиҳанд. Муҳимтарин осори фалсафии Носири Хусрав «Зод-ул-мусофирин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Хон-ул-ихвон», «Кушоиш ва раҳоиш», «Ваҷҳи дин», «Далел-ул-мутаҳайирин», «Сафарнома», «Рӯшноинома», «Саодатнома» ва осори манзумаш мебошанд, ки ғояи асосии онҳоро хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ - фарқ кардани дӯст аз душман, дар дӯстӣ бовафо будан, эҳсон кардан, некӯхоҳ ва роҳатрасон будан, тамаъ ва хорӣ накардан дар бар гирифтааст.



Муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – Лутфия Абдухолиқзода дар маърӯзаи хеш дар мавзуи «Тавсифи донишу хирад дар ашъори Носири Хусрав» оид ба тавсифу тарғиби омӯзиши илм ва рӯ овардан ба ҷаҳонбинии илмӣ дар осори Носири Хусрав ручӯъ намуда, шеърҳои дар ин мавзуъ навиштаи шоирро таҳлил кард. Зикр шуд, ки агарчи олами шеъри Носири Хусрав гуногунмазуъ аст, аммо масъалаи хираду дониш ва илму ирфон дар осори ӯ мавқеи меҳварӣ дорад. Аз ин ҷост, ки номи ӯ тӯли қарнҳои зиёд дар байни аҳли илму адаб ба сифати шоири ҳаким ва тарғибгари илму хирад вирди забонҳо шудааст.

Дар идомаи ҳамоиш маърӯзаи муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - Эрач Абдусамадзода дар мавзуи «Шарҳи масоили забоншиносӣ дар осори Носири Хусрав» шунида шуд. Қайд гардид, ки Носири Хусрав дар баробари шоир ва орифи номдор будан, инчунин ба сифати яке аз барҷастатарин донишманди забоншинос шинохта мешавад, ки мавзуъҳои сарфу наҳви забони тоҷикиро мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор додааст. Гуфта шуд, ки ин мавзуъ доманаи васеъ дорад, аммо дар илми тоҷик ҳанӯз дар ин хусус тадқиқоти амиқ анҷом нашудааст. Илова гардид, ки бо омӯзишу баррасии осрои адабӣ ва илмии Носири Хусрав метавон дар замири ҳар як фарди ҷомеа ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ ва муқаддасоти миллиро тарбия намуд ва таҳкиму тақвият бахшид.

Пас аз хотимаи маърӯзаҳои асосӣ дар қисми музокираи ҳамоиш Шоири халқии Тоҷикистон – Ҳақназар Ғоиб, устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои филологӣ - Ҳотам Асозода дар хусуси зиндагӣ ва осори Носири Хусрав изҳори назар намуданд.

Дар хотимаи ҳамоиш аз ҷониби Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон - Рудобаи Мукаррам ба китобхонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва китобхонаи марказии шаҳри Кӯлоб китоби «Ваҳдат, Давлат, Президент» тӯҳфа карда шуд.

*Муҳаммадҷони Абдувоҳид, «Анвори дониш»*

*Беватан нест гарибе, ки кунад ёди Ватан,*
*Дарватандудаи беёдиватан, беватан аст. М. Шералӣ*

Анвори дониш
№7 (352), ЧОРШАНБЕ, 30.10.2024

# ХУСУСИЯТҲОИ НИЗОМИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани некуаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро барои самаранок гардидани раванди таълим андешида истодааст. Яке аз тадбирҳои басо муҳим гузариш ба низоми нави таълим-низоми таълими салоҳиятнокӣ мебошад. Мақолаи мазкур методологияи гузариш ба муносибати босалоҳият оид ба синфҳои ибтидоиро дар низоми таҳсилоти миллӣ дар бар гирифта, барои омӯзгорони муассисаҳои миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таълимии равияи омӯзгорӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Болотов В. А. ва Сериков В.В. якчанд омилоро нисбат ба камнуфуз шудани низоми кунунии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд: «Тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилоте, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст».

Таҳлилҳои таълимии омӯзгорони МТМУ шаҳодат аз он медиҳанд, ки хонандагон ахборотро аллакай аз дигар маводи технологӣ гирифтаанд, дигар ба маводи таълимии назариявӣ кам аҳамият медиҳанд. Айни замон ин низоми байналмилалиро ҷорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Бо мақсади таъмин намудани шароити мувофиқ барои гузариши самаранок Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф силсилабарномаҳои таълимиро таҳия намуда истода, омӯзгоронро тавассути курсҳои такмили ихтисос ба татбиқи низоми нави таълим омода мекунанд. Яке аз сабабҳои тағйири низоми таълим (мундарича ва раванди таълим) талабот ба нақшаҳои стратегии миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи он: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст. Бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосию иҷтимоиро ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касбомӯзӣ, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт салоҳияти алоқадори тайёрии касбӣ дар бозори меҳнат талабот дошта донишу малакаҳо барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намояд. Ташаккули ҳисси ҳувияти миллии кӯдак дар раванди ташаккули муҳити ҳассос ва маърифатии марбут ба арзишҳои муайян ба амал меояд, ки эҳсоси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба санъати миллиро ба вуҷуд меорад. Махсусан, дар ин давра нақши устод меафзояд, ҷавононро бо дониши худ дар бораи анъанаҳои миллӣ ва намудҳои ҳунарҳои мардумии тоҷик ба ҳаёт омода карда метавонад. Бо мақсади амализосии иқтидори педагогии ҳунарҳои анъанавии занона мо, нақшаи корҳои тарбиявиро тавассути санъати миллӣ таҳия кардем, ки ҳадафи он эҷоди ҳавасмандии омӯзгор ба ҳунарҳои анъанавии занона ва бо ин тариқ нишон додани нақши таълимии анъанаҳои миллӣ мебошад.

Беҳтарсозии корҳои таълимию тарбиявӣ дар иҷрои нақшаи корҳои тарбиявӣ, ки ба эҳтиром ва рушди анъанаҳои миллӣ ва ҳунарҳои занонаи тоҷикӣ асос ёфтааст, дар самтҳои зер мусоидат мекунад:




-истифодаи илмии банақшагирифташуда ва аз ҷиҳати методологӣ оқилонаи захираҳои педагогӣ барои ташаккули модели омӯзгори пешрафтаи технологияи махсуси ҳомили анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ;

-гуногуннамудии фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар амалӣ намудани анъанаҳои миллӣ дар ҳаёти муосир;

-иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар озмунҳои эҷодӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, намоишгоҳҳо, аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ин барои рушди касбӣ ниҳоят муҳим мебошад).

Аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани роҳи ҳуқуқӣ ва демократии давлат, гузариш ба муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ самтҳои асосии ташаккули давлати соҳибихтиёр мебошад. Бартараф кардани пошхӯрӣ дар иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоӣ табиист, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ омили муҳим буда, азнавсозии воқеии ҳамаи донишгоҳҳои ҷамъиятӣ ва системаҳои давлатӣ, аз ҷумла, системаи маорифро тақозо дорад. Усули таълим айни замон ба арзишҳои умумиинсонӣ, ташаккули фарҳанги миллӣ, эҷоди заминаҳои воқеии ташаккули эҷоди шахсият нигаронида шудааст.

Ҷорикунӣ ва рушди ҳунарҳои анъанавии миллӣ ба тайёрии муназзам дар ҳама сатҳҳо асос меёбад. Омӯзиш ва паҳн намудани дониш ва малакаҳои ҳунарҳои мардумии миллӣ вазифаи асосии системаи маориф мебошад. Дар айни замон, муносибати эҷодӣ ва нерумандӣ ба тарбияи меҳнатӣ, ҳамчун арзишҳои асосии рӯҳонӣ ва эҳтиёҷоти шахс, тавҷҷуҳи кофӣ зоҳир карда намешавад. Чи тавре ки натиҷаи тадқиқоти зиёд гувоҳӣ медиҳад, хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои кор дар соҳаи истеҳсолот аз ҷиҳати психологӣ ва амалӣ ба таври кофӣ омода нестанд. Илми педагогӣ то ҳол ба равандҳои воқеии дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа рухдода, ки ба тарбияи касбии ҷавонон таъсири муайян дорад, натиҷаи муайян надодааст. Пайдоиши шаклҳои нави идоракунии тиҷорат ва фаъолияти соҳибкорӣ, пайдоиши бекорӣ дар байни ҷавонон, муҳоҷират, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ, ҳамаи инҳо ба тайёр кардани муаллими оянда технологияи махсус ва соҳибкорӣ тавҷҷуҳи махсусро талаб мекунанд. Ҳунарҳои анъанавии мардумӣ ҳамчун санъати аҷдодии ниёгон, воситаи асосии тарбия ва тайёр намудани омӯзгорони ояндаи технологияи махсус ва соҳибкорӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ асосан ҷудо кардан, хат кашидан, дар хотир гирифтан, нақл кардан, дар асоси намуна ҳал кардани мисолу масъалаҳо ва тартиб додани ибора, ҷумла мебошад.

Мирзоева Б. ин низомро доир ба фанни технологияи таълими меҳнат чунин шарҳ додааст: «Дар низоми анъанавӣ хонанда технологияи коркарди қоғазро медонад, дар низоми босалоҳият хонанда аз орди қоғаз омода шудани онро иҷро карда метавонад». Ҷараёни таълим маърифати хонандагонро баланд бардошта дар онҳо шавқи мароқ зоҳир намудан ба касби донишу малака фазуданро бедор менамояд. Яъне хонандагон шуниданд, хонданд ва бозгуйӣ ё дар асоси намунаҳо, қоидаҳо иҷро кардани мисолу масъаларо ҳамчун фаъолияти асосии маърифатӣ ҳисоб мекунанд.

Мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои компетенсия ва компетенсионӣ, ки аз забони лотинӣ гирифта шуда, ба забони русӣ иқтибос шуданд, истифода мебаранд. Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми салоҳият-аниқ будан, сазовор будан, шоистагӣ, сазоворӣ тасвир дода шудааст. Дар луғати истилоҳоти хазинаи аврупоии таҳсилот мафҳуми салоҳият «компотенсия» чунин шарҳ дода шудааст.

1. Қобилияти ягон корро (амалро) хуб ва самаранок иҷро кардан;
2. Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан;
3. Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ.

Дар стандартҳои фаннии зинагии таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми салоҳият чуни шарҳ дода шудааст:

Салоҳият маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ба маърифат равона карда мешавад. Дар баъзе адабиётҳои илмӣ мафҳуми салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат баробар истифода мешавад. Дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси салоҳиятнок амалеро хуб қобилона ва бо эътимодона иҷро карда метавонад. Низоми таълимии салоҳиятнокӣ низомест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, ҳақиқӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Низоми таълимии салоҳиятнокӣ ба саволҳои: «Хонанда чӣ кор карда метавонад?», «Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?». Донистан ё дониш дар низоми таълими салоҳиятнокӣ ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан ба намуна, ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

Ҳаминро бояд гуфт, ки «салоҳият»-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбанд. Салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

Сангов Н. чунин гуфтааст: «Таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба ҳифз ва ташаккулёбии санъати халқӣ ва ҳунарҳои халқии Тоҷикистон» ба омӯзиши санъати ороишӣ ва амалии тоҷикон ҳамчун омили муҳимтарини ташаккули педагогикаи халқӣ, азхудкунии ҳунарҳои мардумӣ бахшида шудааст. Инчунин эҳтимолияти фарҳангии миллӣ ва расму анъанаҳои халқиро инъикос менамояд, арзишҳои муҳими иҷтимоии санъати ороишӣ амалӣ таъкид карда мешавад.

Дар низоми таълимӣ салоҳиятнокӣ муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос дорад. Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байни ҳамдигарро муайян мекунад. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусуиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, бо тарбия ва маърифатнок замина гузорад.



*Бегиев Шариф- муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо, Аълочии маорифи Тоҷикистон*

*Ҳар кас ки забони хешро санг занад,*
*Эй кош забон дар даҳанаш санг шавад. Низом Қосим*



# БЕҲТАРИН ГАВҲАРИ ГАНҶИНАИ ҲАСТӢ

***(андешае чанд перомуни гиромидошти забон ва сухан аз дидгоҳи аҳли назар)***

Гиромидошт ва арҷгузорӣ ба забони давлатӣ, яке аз рӯйдодҳои мубораку фараҳбахши даврони соҳибистиқлолии кишвар мебошад, ки ба мисли дигар суннатҳои бостонӣ барои мардуми шарифи мо азизу муътабар гардидааст.

Бо шарофати сиёсати бунёдкоронаву фарҳангпарваронаи Пешвои миллат ҳамасола 5 октябр дар кишвари мо ба таври расмӣ ҳамчун Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Таҷлили ин сана бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009 иртибот дорад ва дар асоси ҳамин санади муҳим ин рӯз ба феҳристи ҷашнҳои миллӣ ворид гардидааст.

Забони тоҷикӣ, дар пайванди маҳкам бо гӯйишҳои ҳамрешаи худ - забони дарӣ ва форсӣ - дар ҷараёни даҳҳо садсолаҳои таърихӣ ҳамчун забони тамаддунбахш дар минтақаҳои густурдаи ҷаҳон аз мавқеияту азамати фарҳангии вижа бархӯрдор аст. Ин забон ба ҳаде машҳуру маълум ва аз ҷойгоҳи хоссае бархурдор аст, ки тамоми бузургиву тавонмандии удабову шоирони адабиёти пурғановати форсу тоҷик аз он вобастагӣ дорад. Ҳамин тавонмандиву бузургии ин забони нобу дурри дарӣ дар назми зер чи хуб ба қалам дода шудааст:

***Эй забони форсӣ, афсунгарӣ,***
***Ҳар чи гӯям аз ту, з-он афзунтарӣ.***
***Ту ба Фирдавсӣ тавон бахшидаӣ,***
***Аз тавон бартар, равон бахшидаӣ.***
***Ҷолиши Саъдӣ ба нерӯи ту буд,***
***Оби ин сарчашма аз ҷӯи ту буд...***

Хурсандибахш аст, ки забони шевое, ки бо он аз қофиласолори адабиёти форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ то бунёдгузори адабиёти навини тоҷик - Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва адибону олимони муосир осори гаронбаҳои илмиву адабӣ эҷод намудаанд, дар даврони Истиқлолият дар партави сиёсати муваффақи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишҳои зиёиёни кишвар дар мақоми таърихии худ дубора эҳё ва ба маснади волои худ нишаста, муаррификунандаи ҳақиқии соҳибони худ- миллати тоҷик дар ҷаҳони муосир гардид.

Аз минбари Созмони Милали Муттаҳид бо забони ноби тоҷикӣ, бо забони Рӯдакию Фирдавсӣ, Ҷомию Сино ва Камолу Айнӣ сухан кардани Пешвои миллат, сарвари муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар як сокини Тоҷикистон боиси ифтихору шарафи бузург буда, далел бар гуфтаҳои болост.

Мусаллам аст, ки забон ва сухан дар тамоми давраҳои инкишофу тараққиёти ҷамъият барои таҳкиму тавсеаи маърифату маънавиёти инсон нақши ниҳоят муҳимро дошт ва имрӯз ҳам аз он аҳамият бархурдор аст. Забон бо ҳамин мақоми волои худ барои тамоми ҷамъият баробар хидмат менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки забонро пояи ҳастӣ ва бақои ҳар як миллату давлат эътироф кардаанд. Тавре ки Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвари мо таъкид доштаанд: “Арҷ гузоштан ба забони модарӣ омилест, ки сарчашмаи бақои ваҳдати миллӣ ва яке аз рукнҳои устувори давлатдорӣ ба шумор меравад. Зеро забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ дар масири таърих бақои миллати тоҷикро таъмин кардааст”.

Аҳамият ва мавқеи забон дар зиндагӣ аз қадимулайём таваҷҷуҳи донишмандону мутафаккирон ва аҳли илму адабро ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, дар китоби боарзиши ниёгони мо “Авасто” сухан аз ҷойгоҳи вижа бархурдор аст. Дар миёни силсилаандарзҳои Зардушт ғолибан нақши сухан эҳсос мешавад. Гуфтаҳо ва андарзҳои “пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек” се сухани бунёдӣ мебошанд, ки кохи ахлоқи одамӣ бар онҳо устувор аст.

Маҳз аз ҳамин таваҷҷуҳи хоссаи ниёгон ба мақоми забону сухан аст, ки мудом бузургони хирад ва шеъру адаби тоҷик, чи классикон ва чи муосирон дар мавзуи забон, эҳтироми забон, арҷгузорӣ бар он ва поянда нигоҳ доштани он суханҳои шоиста ва арзанда бисёр гуфтаанд.

Яке аз шоирони машҳури асрҳои XVI-XVII Салими Теҳронӣ, суханро беҳтарин гавҳар дар ганҷинаи ҳастӣ ва, ҳатто, ҷони инсон мешуморад, ба он ҷиҳат ки инсони беҷон сухан карда наметавонад, агар ӯ сухан гуфта тавонад, пас, ӯ зинда аст. Чунин менигарад, ки агар сухан ҷони инсон набувад, пас, чаро мурда хомуш аст:

***Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,***
***Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомуш аст.***

Бо шиносоии ашъори шоирону адибони классикии форсу тоҷик ин нукта равшан мегардад, ки одамӣ пинҳон дар пушти забон аст. Яъне забон муаррификунандаи инсон ва нишондиҳандаи шахсияти ӯст.

Ҳамонгунае, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст:

***Одамӣ махфист дар зери забон,***
***Ин забон пардааст бар даргоҳи ҷон.***

Забон ва сухан дар ҳаёти одамон аз мартаба ва ҷойгоҳи бузурге бархурдор аст, зеро маҳз ҳамин унсур асрори ботинии инсон ва андешаҳои нуҳуфтаи шахсро ошкор мекунад



ва дурустиву нодурустии калом аз он пайдо мегардад. Ин ҷиҳати забонро ба инобат гирифта, ҳакимону суханварони форсу тоҷик онро ба риштаи назм кашидаанд. Чунонки Саъдии Шерозӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳамин вижагии забон ва сухан таъкид мекунад:

***То мард сухан нагуфта бошад,***
***Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад...***

Ё ин ки ҷои дигар бо ташбеҳи зебое ин нуктаро дар дили ҳар як хонанда менишонад:

***Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?***
***Калиди дари ганҷи соҳибҳунар!***

Носири Хусрав низ дар робита ба аҳамияти забон ва алоқамандии он дар шинохти инсон таваҷҷуҳ намуда, одамиро муташаккил аз дил ва забон медонад. Чунин аст, ки вай ҳақиқати мардро нуҳуфта дар қалб ва забон дониста, дигар хусусиятҳои вуҷуди вайро аз гил ва колбади вайро луъбат медонад:

***Мард ниҳон зери дил асту забон,***
***Дигар яксар гили пурсурат аст.***
***Сӯи хирад ҷуз ки хирад нест мард,***
***Ӯ сухану колбадаш луъбат аст.***

Ҳамин аст, ки бо таваҷҷуҳ ба ин хусусияти забон ҳакимон ва суханварони доное аҳамият ба равобити онро бо дили инсон ва ошкор гардидани шахсияти одамиро тавассути забон ишора менамоянд. Унсурулмаолии Кайковус соҳиби асари бузурги ахлоқӣ-тарбиявии “Қобуснома” бар он бовар аст, ки сухан нишондиҳандаи ҷойгоҳу манзалати фард аст. Таъкид менамояд: “Сухан, ки ба мардум намойӣ, бар некутарин ваҷҳ намой то мақбул бувад ба мардумон дараҷаи ту бишносанд, ки бузургон ба хирадмандонро ба сухан донанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш”.

Андешаи дигари ҷолиб ва омӯзанда, ки дар сартосари ашъори мутафаккирону адибони ҳикматнигори мо ба чашм мерасад, масъалаи дар банд доштани забон, ба вақти зарурат бозкардани он ва аз сари андеша сухан гуфтан аст. Инсон дар ҳар ҳолате, ки бошад меъёри ақлу хирадро нигоҳ дорад, яъне аввалан андеша ва баъдан гуфтор намояд. Дар ғайри он, агар одамӣ забонро дар ихтиёри хирад қарор надиҳад, забон барои вай зиёновар хоҳад буд. Ин зиён бештар вақте рӯй медиҳад, ки инсон дар ҳолати хашмгиниву ғазаб қарор гирад ва тавони дар мизони ақл идора кардани худ ва забонро аз даст диҳад. Ин нукта дар ашъори падари шеъри форсу тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба таври зер намудор мегардад:

***Замона панде озодвор дод маро,***
***Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.***
***Ба рӯзи неки касон, гуфт: то ту ғам нахурӣ,***
***Басо касо! Ки ба рӯзи ту орзуманд аст.***
***Замона гуфт маро: хашми хеш дор нигоҳ,***
***Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.***

Аз гуфтаи боло мурод мо ин нест, ки инсон ҳамеша хомуширо пеша гирад, балки мақсад дар он аст, ки инсон тавони идораи забон ва сухани худро дошта бошад ва ин ба манфиати худи ӯ хоҳад буд. Яъне пеши худ нигоҳ доштани забон сабаби ҳифзи иззат ва обрӯйи одамист. Аз ҷумлаи он ҷоест, ки аз мо чизе нахоҳанд ва напурсанд. Тавре ки Низомии Ганҷавӣ таъкид доштааст:

***Сухан то напурсанд, лаб баста дор,***
***Гуҳар нашканӣ, тег оҳиста дор.***

Дар робита ба ин, Саъдии Шерозӣ бо ишора ба он, ки хомушӣ назди хирадманд нишонаи адаб аст, таъкид доштааст, ки ба ҳангоми зарурат лабро барои сухан гуфтан кушод, зеро сухан ба ҳангом гуфта нашавад нишонаи бепарвоӣ ё камхирадист, ба монанди оне ки хомушии нобаҳангом низ чунин аст:

***Агарчи пеши хирадманд хомушӣ адаб аст,***
***Ба вақти маслиҳат он беҳ, ки дар сухан кушӣ.***
***Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан***
***Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ.***

Масъалаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст ва донишмандон сари он андеша кардаанд, ин мавзӯи сузанда ва созанда будани забон аст. Парҳез аз офатҳои забон ва хатарҳои дар каминдоштаи сухан, ки бинобар сабаби он бисёр касон ҷон бохтаанд ва ё обрӯи худро аз даст додаанд, дар адабиёти форсу тоҷик ба тарзҳои гуногун баён мешавад. Аз ин ҷост, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ нақши созандагӣ ё сӯзандагии забонро монанди хирман ва оташ ё ранҷу ганҷ медонад. Ҳамонгуна, ки оташи хурду андаке метавонад хирмани азимеро барҳам занад:

***Эй забон, ту бас зиёни мар маро,***
***Чун туӣ гӯё, чӣ гӯям мар туро.***
***Эй забон, ҳам оташу ҳам хирманӣ,***
***Чанд ин оташ дар ин хирман занӣ.***
***Эй забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,***
***Эй забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ.***

Ё ин ки Мавлоно ҷои дигар бо дарназардошти тавони вайронгарии забону сухан ишора менамояд, ки як сухан метавонад ҷаҳонеро сузонаду оламеро вайрон кунад:

***Золим он қавме, ки чашмон духтанд,***
***З-он суханҳо оламеро сухтан.***
***Оламеро як сухан вайрон кунад,***
***Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.***

Аз сари андеша сухан гуфтан, кутоҳбаёниву муъҷазгӯйӣ нишонаи камоли фазлу ҳунар аст. Яъне хирадманд бештар менадешад ва камтар сухан мегӯяд, зеро хирад тавони онро дорад, ки инсонро ба муроғиби забону каломи хеш будан вогӯзор намояд.Чунончи устоди сухан Саъдии Шерозӣ дар байте чи зебо андешаро муқаддам бар гуфтор медонаду онро пойбасти калом мешуморад, яъне ба андешаи шоир устувории калом низ мизони устувории хирад аст:

***Аввал андеша в-онгаҳе гуфтор,***
***Пойбаст омадасту пас девор.***

Аз таҳқиқу пажуҳиши осори адабон бо асос овардани намунаҳои боло ба чунин хулоса расидем, ки андешаи манзалат ва накуҳишу мазамати забон яке аз масъалаҳои меҳварӣ дар ашъори адибони классики форсу тоҷик ба шумор меравад.

Ногуфта намонад, ки шоирони муосир ҳам дар мавзӯи сухан ва забон ашъори ҷаззоб ва дилнишин гуфтаанд. Лозим ба таъкиди хос аст, шоирони муосир бо андаке дигаргунии мавзуӣ, яъне ҳифзу нигоҳдошти забони модарӣ, ки бо гузашти замонҳои дур ва барқарор гардидани адолати таърихӣ масъулияти саршор аз ифтихору худогоҳона дар назди ҳар фарди ватанхоҳу бофарҳанг ба ҳисоб меравад, баёни андеша менамоянд. Беҳтарин шеърҳои дар ин мавзуъ эҷодгардида, ки аксаран бедории миллат ва ҳувияти миллии ҳар фардро сайқалдиҳандаанд, «Забонгумкарда»- и устод Лоиқ Шералӣ, «Забони Ватан»- и Бозор Собир ва «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме»- и Убайд Раҷаб ба шумор мраванд.

Устод Лоиқ Шералӣ бо арҷ гузоштан ба забони модарӣ дар шеъри «Забонгумкарда» баён месозад:

***Аз тамоми ину он гумкардагон***
***Зиштрӯтар нест дар рӯйи ҷаҳон***
***З- он ки гум карда забони модарӣ,***
***Ҳарф гӯяд бо ту чандин забон.***

Яъне, бадтарин амал барои ҳар инсон ин гум кардани забони модарии ӯст, зеро ягон неъмат баробар бо забони модарӣ нест. Гум кардани ҳеҷ неъмате дар қиёс бо гум кардани забони модарӣ гуноҳи вазнин нест. Касе ки забони модарии худро гум кардааст, шири модар ҳалолаш мабод!

Ҳамонгунае, ки аз шеъри «Забони Ватан»- и Бозор Собир огаҳ мегардем, барои пойдорӣ ва мондагории забон садҳо бузургони миллат ҷони хешро фидо намудаанд. Забонро ба мисли сарҳади кишвар ҳифз намуданд ва марзу буми асосии тоҷикон забони модарии онҳоро донистанд. Аз ин ҷост, ки имрӯз низ бақои марзу бум ва давлату миллатро маҳз дар бақои забони модарӣ дониста, таъкид намудааст, то вақте ки тоҷикон забон доранд, марзу бум доранд!

***Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон***
***Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.***
***То забон дорад, ватандор аст ӯ,***
***То забондор аст, бисёр аст ӯ.***

Хулоса, доманаи мавзуи мавриди назар чи дар адабиёти классик ва ҳам дар ашъори адибони муосир ниҳоят васеъ аст. Таҳлилу баррасии тамомии ашъори фарогирандаи ин мавзуъ дар доираи як матлаб ё гузориши мухтасар аз имкон берун аст. Итминони он аст, ки ин суханҳои ҳикматомӯз ва нуктаҳои волои ба иқтибос овардашудаи адибону донишмандон қобили қабули хотири аҳли назар гардида, дар таҳқиқу ҷусторҷҳои имрӯзуояндаи ин паҳлӯи масъала ҳамчун дастури раҳнамо хидмат хоҳанд кард.

Матлабро бо иқтибосе аз суханрониҳои Пешвои миллат ба охир мерасонам: “Забони миллӣ симо ва пайкараи милла-ти мо мебошад. Аз ин рӯ, ин симо бояд зебо ва ин пайкар тавоно бошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне бақои забон бақои миллат аст. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост”.



*Муҳаммадҷони Абдувоҳид - «Анвори дониш»*

*Шоирӣ, аслан ватандорӣ бувад,*
*На сухандонӣ ба мавзуи ватан.* Лоиқ

Анвори дониш
№7 (352), ЧОРШАНБЕ, 30.10.2024

# ҲАМОИШ БО ҶАЛБИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ БОНКӢ



Ҷалби мутахассисони соҳа дар раванди баргузории чорабиниҳо ва ҳамоишу шабнишиниҳо яке аз омилҳои муҳим дар баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён арзёбӣ мегардад. Бо ин мақсад дар Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ташкилу баргузории суҳбату вохӯриҳо ва маҳфилу ҳамоишҳо бо мутахассисини соҳҳоти гуногун пайваста роҳандозӣ мегардад. Аз ҷумла санаи 9.10.2024 дар факултети молиявию иқтисодии донишгоҳ бо ташаббуси кафедраи молия ва қарз дар ҳамкорӣ бо филиали ҶСК "Бонки Эсхата" дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамоиши илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Тадбирҳои вусъат додани ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ" гузаронида шуд, ки дар кори он мудири кафедраи молия ва қарз, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Комилов Низомидин, директори филиали ҶСК "Бонки Эсхата" дар шаҳри Кӯлоб Худойқулов Далер ва донишҷӯён иштирок намуда, доир ба мавзуи мавриди назар ибрози андеша намуданд.

Дар ҳамоиш намояндаи бонки мазкур доир "Тадбирҳои вусъат додани ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ" ва дигар мавзуъҳои мубрами соҳаи молия ва бонкдорӣ маълумоти ҷолибу судмандро пешкаши иштирокчиён гардонид. Ҳамзамон намояндагони бонк аз донишҷӯёни фаъолу аълохон ҷиҳат фаъолият дар бонк даъват ба амал оварданд.

Иштирокчиён низ дар робита ба мавзуъ фикру андешаҳои худро иброз доштанд.

# ПОРТАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ

Санаи 11.10.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ семинари омӯзишӣ дар мавзуи "Порталҳои электронии илмӣ-таҳқиқотӣ" миёни магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯён ташкил ва баргузор карда шуд.

Дар кори семинар муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, сардори шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогӣ, дотсент Қурбонова Умеда, магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯён иштирок намуданд.

Нахуст, дотсент Рафиев Сафархон суханронӣ намуда, баргузории чунин семинарҳои омӯзиширо саривақтӣ ва муфид арзёбӣ намуданд.

Сипас, дотсент Қурбонова Умеда дар мавзуи "Порталҳои электронии илмӣ-таҳқиқотӣ" ва сармутахассиси шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогӣ Сулаймонзода Убайдулло дар мавзуи "Сохтори мақолаи илмӣ" баромад намуданд.

Баромадкунандагон қайд намуданд, ки ҷаҳони муосир бо тараққиёти босуръат дар ҳама самтҳои фаъолияти инсон дигаргуниҳоро талаб менамояд. Бо пайдоиш ва рушди технологияҳои муосир муҳаққиқон низ имкониятҳои беназирро дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ба даст овардаанд. Вобаста ба ин, дар рафти семинари омӯзишӣ якчанд порталҳои электроние, ки таҳияи мақолаҳои илмӣ, ҷустуҷӯи адабиёти зарурӣ ва истифодаи онҳоро дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ намоиш доданд.



Ҳамзамон, масъалаи таҳия ва ба танзим даровардани сохтори мақолаи илмӣ: сарлавҳа, тавсифи мухтасар (аннотатсия), калидвожа, муқаддима, қисми асосӣ (назарияҳо, методология ва методҳои таҳқиқот), натиҷаҳо ва адабиёт баррасӣ карда шуд.

# КОНФРОНСИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Ҳамасола 14 октябр дар Тоҷикистон Рӯзи соҳибкорон муқаррар шудааст. Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, ки сарчашмаи ташкили ҷойҳои нави кор, беҳтар намудани шароити иҷтимоии аҳолии мамлакат ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти ватанӣ мебошад, бобати муқаррар намудани имтиёзҳо барои соҳибкорон тамоми чораҳои ташкиливу ҳуқуқиро амалӣ менамоянд. Дар пайрави аз ин гуфтаҳо 14.10.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси факултети иқтисод ва идора конфронси илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ" бахшида ба Рӯзи соҳибкорон баргузор гардид.

Дар ҷаласаи ифтитоҳи сардори раёсати илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарипов Анвар, декани факултети иқтисод ва идора, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Расулова Лутфия, декани факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асоев Баҳодур ва омӯгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Нахуст, декани факултети иқтисод ва идора, дотсент Расулова Лутфия суханронӣ намуда, аҳли нишастро бахшида ба Рӯзи соҳибкорон табрику шодбош намуда, ҳозиринро бо барномаи конфронс шинос намуданд.



Сипас, сардори раёсати илм ва инноватсия, дотсент Шарипов Анвар зимни сухани ифтитоҳӣ, аз бузургтарин дастовардҳои давлату ҳукумати мамлакат, мардуми шарифи тоҷик ва махсусан донишгоҳ ёдоварӣ намуда, таъкид доштанд, ки ин ҳама бунёдкориву созандагӣ маҳз бо заҳмату талошҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат ба вуқӯъ пайвастааст.

Сипас, декани факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, дотсент Асоев Баҳодур дар мавзуи "Соҳибкории хурд ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ", мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг, дотсент Содиқзода Зафар дар мавзуи "Иқтисодиёти сабз, кафолати рушди устувор барои имрӯзу фардои кишвар" ва мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Назаров Муродалӣ дар мавзуи "Нақши сармоягузориҳо дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатӣ)" маърӯзаҳои худро ироа намуда, иброз доштанд, ки саҳми соҳибкорон дар пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллии Тоҷикистон хеле муҳим аст. Ҳукумати Тоҷикистон барои беҳдошти фазои соҳибкорӣ ва дастгирии онҳо тадбирҳои муассир меандешад. Маҳз бо дастгирии Президенти мамлакат ба соҳибкорон имтиёзҳо ва сабукиҳо дар фаъолияташон дода шудааст. Аз ҷумла, пешниҳоди қарзҳои хурд, коҳиш додани шумораи мақомоти санҷишӣ, бо тадриҷ аз байн бардоштани монеаҳо аз ҳамин қабил мебошанд.

Дар бахши музокирот декани факултети молиявию иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ ва сардори раёсати тарбия Холматов Баҳром баромад намуданд.

# ВОХӮРӢ БО ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ЯКУМ

15.10.2024 дар факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вохӯрӣ бо донишҷӯёни курси якуми факултет баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ декани факултет, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Зулфиев Гадомад, муовинони декани факултет, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва ҳайати дигари омӯзгорону донишҷӯёни курсҳои якум иштирок доштанд.



Нахуст декани факултет, дотсент Зулфиев Гадомад суханронӣ намуда, донишҷӯёнро ба ин даргоҳи илму маърифат хайрамақдам гуфта, ба онҳо барои аз бар кардани донишу малакаҳои касбӣ муваффақияту бурдбориҳо таманно намуданд. Зимни баромади хеш оид ба масъалаҳои риояи талаботи қоидаҳои донишҷӯӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии донишҷӯёни фаъол аз тарафи раёсати донишгоҳ, риояи тартибу интизом, омодагӣ ба дарсҳо, рӯ овардан ба китобу рӯзнома, обуна шудан ба китобхонаҳо, ширкат дар озмуну маҳфилҳои зеҳнӣ, самаранок истифода бурдани вақт, муносибати дуруст ва эҳтироми устодону ҳамсабақон, ҳамчунин, дар ҳолати хуби санитарӣ-гигиенӣ нигоҳ доштани дарсхонаю толорҳои таълимӣ, асбобу анҷоми хониш ва ҷойи зист дар хобгоҳ суханронӣ намуданд.

Инчуни доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Ашурова Нодира ва мудири кафедраи адабиёти тоҷик, дотсент Шамшоди Ҷамшед суханронӣ намуданд.

Қайд гардид, ки донишҷӯ саъю кушиш мекунад, ки дар касби интихобнамудааш мутахассис шавад. Ӯ бовиҷдонона таҳсил мекунад ва дар тадқиқотҳои илмӣ ширкат меварзад. Ҳамаи имкониятҳоро барои пурра кардани сатҳи дониш ва аз худ намудани малакаҳои амалӣ истифода мебарад, кушиш мекунад, ки дар касби интихобкардааш мутахассиси хуб шавад. Донишҷӯ дар вақти санҷишу имтиҳонот рӯбардор намекунад ва аз шпаргалка истифода намебарад. Донишҷӯ барои ёрӣ ба дигар шахсони миёнараву бесалоҳият муроҷиат намекунад ва дар вақти санҷишу имтиҳонҳо, ки иҷроиши корҳои фардиро пешбинӣ менамоянд, сидқан саъю кӯшиш мекунад, вазифаи хонагӣ, корҳои санҷишӣ, рефератҳо, корҳои курсӣ ва дипломии аз тарафи дигарон иҷрокардашударо ҳамчун натиҷаи меҳнати шахсии худ намесупорад.

Сипас аз ҷониби яке аз донишҷӯён савганди донишҷӯӣ қироат карда шуд, ки ҳама донишҷӯён дар якҷоягӣ калимаи "Савганд"-ро ба забон оварданд. Дар фарҷоми вохӯрӣ, дар вазъияти тантанавӣ ба як қатор донишҷӯёни курси якуми факултет дафтарчаҳои имтиҳонотӣ аз ҷониби садорати факултет супорида шуда, онҳоро барои сазовори номи донишҷӯ шудан табрик карданд.

# ТАТБИҚИ НИЗОМИ КРЕДИТӢ

Санаи 17.10.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ семинари омӯзишӣ дар мавзуи «Вазъи татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)» баргузор гардид, ки дар он мудири шуъбаи хадамоти таълимию методии таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон- Ҳабибов Насулло, кормандони қисми таълим ва мудирони кафедраҳо иштирок доштанд.



Дар кори семинари омӯзишӣ масъалаҳои афзалият ва мушкилот дар амалишавии низоми кредитии таҳсилот, риояи талаботи "Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони МТОК", тартиби таҳияи нақшаҳои намунавии таълимӣ, барномаҳои таълимиву корӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.



Дар фарҷоми семинар иштирокчиён фикру андешаҳои худро иброз намуда, ҷиҳати пешбурди самараноки раванди таълим таклифу пешниҳод манзур доштанд.

# ҲАМОИШ БАХШИДА БА СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ



Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 16.10.2024 бахшида ба Соли маърифати ҳуқуқӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии донишҷӯён ва дар руҳияи худшиносиву меҳандӯстӣ тарбия намудани шаҳрвандон ҳамоиш баргузор гардид.

Дар кори ҳамоиш ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, сардори Гурӯҳи фаврии Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, полковник Нуралиев Зафар Сафарович, ҳайати раёсати донишгоҳ ва омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни сухани ифтитоҳии воҳӯрӣ ба муҳтарам Нуралиев Зафар Сафарович барои вақт ҷудо намудану баргузории воҳӯрии судманд изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуда, таъкид доштанд, ки ҳадаф аз ташкилу баргузории нишасту мулоқотҳо бо кормандони мақомоти қудратӣ баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии донишҷӯёну муҳассилин ва дар рӯҳияи худшиносиву меҳандӯстӣ тарбия намудани шаҳрвандон дар назар дошта шудааст. Сипас, сардори Гурӯҳи фаврии Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон полковник Нуралиев Зафар Сафарович дар мавзуи “Мубориза ва муқовимат бо экстремизм ва терроризм, пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ” маърӯзаи муфассал намуда, дар бораи ин зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир ва роҳу равишҳои пешгирию мубориза бо онҳо нуктаҳои ҷолибу асоснокро ироа намуд.

Дар баробари ин, таъкид доштанд, ки ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои номатлуб ва таълиму тарбияи дурусту дар роҳи садоқату эҳтиром ба фарҳангу арзишҳои миллӣ, худшиносиву ватандӯстӣ ба камол расидани насли наврасу ҷавон моро лозим меояд, ки бо омӯзиши амиқи таърихи гузашта ва фарҳанги пурғановати ниёгон даст ба кор шавем ва дар иҷрои уҳдадориҳои вазифавиамон масъулиятшиносона амал намоем.



Дар охири ҳамоиш ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ҳамчун рамзи қадршиносии ҳайати кормандони донишгоҳ ба Нуралиев Зафар Сафарович-полковник, сардори гурӯҳи фаврии Раёсати кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, таҳким бахшидани корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ барои пешгирии ҳамешагии шомилшавии ҷавонон аз амалҳои террористиву экстремистӣ, ҷинояткориву ҳуқуқвайронкуниҳо, таҳлилу баррасии муҳимтарин масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳар гуна зуҳуроти номатлуби ҷаҳонӣ, инчунин, тарғибу ташвиқи арзишҳои милливу фарҳангӣ Сипосномаи Раёсати донишгоҳро супориданд.

# ПАРВОЗИ ШОҲИН: МАҲФИЛИ АДАБӢ БО ИШТИРОКИ НАВИСАНДА ВА РӮЗНОМАНИГОР СИПЕҲР ҲАСАНЗОД

Маҳфили адабии "Парвози шоҳин"-и факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таърихи 17.10.2024 бо иштироки нависанда ва рӯзноманигори шинохта Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод дар ҳошияи истиқбол аз 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҳфил ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор, Шоири халқии Тоҷикистон-Ҳақназар Ғоиб, нависанда ва рӯзноманигори шинохта Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод, аҳли зиё ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок доштанд.

Маҳфилро муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, ки ровигии онро бар зимма дошт, оғоз намуда, меҳмононро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфтанд.

Дар зимн мудири кафедраи адабиёти тоҷик, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамшоди Ҷамшед доир ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии адиб, рӯзноманигор- Сипеҳр Ҳасанзод, маърӯзаи пурмуҳтавои илмиро ироа намуда, ёдовар шуд, ки адиб бо сабк ва услуби ба худ хос нависандаи рангинхаёл аст. Дар офаридаҳои ӯ мавзуи меҳварии адабиёти бадеӣ- инсонгароӣ ба назар мерасад. Маҷмуаҳои қиссаву ҳикоёти «Чакомаи Шоҳи ирфон», «Офтобо, ба ғуруб марав...», «Боздид», «Парастуҳои саҳна», «Бозгашти аспи даҳмарда», «Гулхани сабз», «Ҳадиси ватандорӣ» «Дарёдилеву соҳиле...», «Турнаҳои мусофир», «Чароғи ҳидоят» дар шакли китоби алоҳида ва мухтасари романи ӯ таҳти унвони «Порисаеву ворисе» дар саҳафоти нашрияи миллии адабии «Садои Шарқ» ва ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ба чоп расидаву истиқболи гарм ёфтаанд.

Дар идома нависанда Сипеҳр Ҳасанзод ба сухан баромада оид ба фаъолияти эҷодӣ, кору фаъолият, мазмуну мундариҷаи таълифот ва воқеаҳои ҷолибу хотирмони ҳаёт, ки муҳтавои онро мавзуоти оила, маърифату инсонгароӣ, одобу фаросат, далерию шуҷоат, тарбияи одами нав, садоқатмандиву вафодорӣ, лафз ва шикасти нафс дар бар мегирифт, ибрози андеша намуданд.



Ҳамчунин дар идомаи кори маҳфил соҳибони каломи мавзун ва нухбагони сухани воло Ҳақназар Ғоиб, Мӯсо Абдуқаҳҳор, устодони донишгоҳ Холиқов Сафар ва Шоҳинов Ҳасан баромад намуда, доир ба нақш ва ҷойгоҳи рӯзноманигори чирадаст ва адиби баркамол, ки кайҳо боз килки сеҳрангезаш ба ҷомеа лаззати маънавӣ мебахшад, ибрози назар намуданд.

Дар қисмати дигари маҳфил аз ҷониби гурӯҳи донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик ва журналистика порчаҳо аз эҷодиёти адиб ироа гардид.

Сипас, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни баромад эҳёи дубораи маҳфили адабии “Парвози шоҳин”-ро дастоварди муҳими фарҳангӣ ва омили муҳим дар шинохт ва муаррифии аҳли илму адаби кишвар арзёбӣ намуда, даъвати адибону чеҳраҳои маҳбуби кишварро ба маҳфил рамзи қадршиносии ҷомеаи меҳнативу донишпажӯҳи донишгоҳ ва нақши суҳбати нухбагону пешбарандагони маърифату фарҳангро дар тарбияи худшиносиву ватандӯстии ҷавонон муассир маънидод намуд.

Ҳамчунин таъкид карда шуд, ки нависанда ва адиби маҳбуб Сипеҳр Ҳасанзод бо таълифоти асарҳои пурмазмун дар ташвиқу тарвиҷи сиёсати фарҳангсолоронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми шоиста мегузорад. Адиб дар осори публитсистии худ «Чакомаи Эмомалӣ Раҳмон» ва «Пешвои миллати тоҷвар» ташаббус ва иқдомҳои наҷиби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар арсаи байналмилалӣ бо далоили муътамад ибратомӯз ва дақиқкорона ба қалам додааст. Ҳамчунин, дар асари публитсистии «Ҳадиси ватандорӣ» аз масоили дастовардҳои замони истиқлол ва нақши барҷастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳикоят мекунад, ки омӯзиши он дар тарбияи худшиносиву ватандӯстии ҷомеа аҳамияти бузург дорад.

Дар охир, аз тарафи раёсати донишгоҳ ба нависанда Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид. Ҳамчунин адиб бо як ҷаҳон самимияти хос ба ташкилкунандагони маҳфил изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуда, асари тозанашри худ “Чароғи ҳидоят”-ро ба китобхонаи донишгоҳ тақдим намуданд.

# ФЕСТИВАЛИ БОЗИҲОИ ВАРЗИШӢ

Бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамбастагӣ бо Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилоят дар Маҷмааи варзишии ноҳияи Данғара санаҳои 15-16-уми октябр Фестивали бозиҳои варзишӣ байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят баргузор гардид, ки иштирокчиён аз рӯи намудҳои гӯштини миллӣ, варзиши сабук, волейбол, футбол ва шоҳмот миёни ҳам сабқат намуданд.



Зимни ифтитоҳи фестивали бозиҳои варзишӣ ҳадафи он дарёфти варзишгарони касбӣ ва ташкил намудани дастаи мунтахаб аз ҳисоби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят арзёбӣ гардид.

Дар Фестивал донишҷӯёни 7 муассисаи таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон иштирок доштанд, ки дар миёни онҳо дастаи варзишӣ - донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолона иштирок намуда, ба касби ҷоёҳои ифтихорӣ ва медалу дипломҳои мусобиқот шарафёб гардиданд.

Аз ҷумла дастаи варзишии донишгоҳ аз рӯи намуди “Гуштини миллӣ” баррандаи 6 медал: 1 медали тилло, 2 медали нуқра ва 3 медали биринҷӣ гардиданд.

Аз намуди “Варзиши сабук” донишҷӯёни донишгоҳ сазовори 20 медал: 10 медали тилло, 9 медали нуқра ва 1 медали биринҷӣ гардиданд.

Ҳамзамон дар фестивали мазкур дастаҳои футболбозон ва волейболбозони донишгоҳ, ки ҳайати дастаҳо аз 8 нафар иборат буд, аз худ маҳорати баланди варзишӣ нишон дода, дар натиҷа дастаи футболбозони донишгоҳ сазовори ҷойи якум гардида, бо сипоснома, медали тилло ва Ҷоми фестивал сарфароз гардиданд. Инчунин дар ин сабқат дастаи волейболбозони донишгоҳ ба гирифтани ҷойи дуюм мушарраф гардида, бо медалу дипломи мусобиқот қадрдонӣ гардиданд.

Дар маҷмӯъ, дастаи варзишии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Фестивали бозиҳои варзишӣ барандаи 42 медали мусобиқот гардиданд, ки онро 19 медали тилло, 19 медали нуқра ва 4 биринҷӣ дар бар мегирад.

Раёсати донишгоҳ дастаи варзишии донишҷӯёнро баъд аз бозгашт дар саҳни бинои асосии донишгоҳ истиқбол гирифта, онҳоро ба муносибати музаффарияту дастовардҳои варзишӣ табрику шодбош гуфта, дар фаъолияти минбаъдаашон барору муваффақият таманно намуданд.

# ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН

Дар Қасри теннис ва маҷмааи варзишҳои обии шаҳри Душанбе Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо миёни устодону собиқадорон доир гардид. Дар чемпионати мазкур зиёда аз 400 варзишгар аз 15 давлат иштирок ва қувваозмоӣ намудаанд.




Хушбахтона дар ин чемпионат омӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он Файзиев Пулодҷон фаъолона ширкат варзида, дар вазни 71кг миёни иштирокчиёни аз 60-сола боло сазовори ҷойи сеюм гардида, бо диплом ва медали биринҷии чемпионати ҷаҳон сарфароз гардонида шуд.

Раёсати донишгоҳ устодро барои ин музаффарият самимона табрик гуфта, дар корҳои минбаъдаашон барор мехоҳад.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ –ШУҲРАТУ ШОНИ МИЛЛАТ

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин неъматест, ки дар таъриху сарнавишти миллати тоҷик ва давлатдории навини он бо нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадият ҳаккокӣ шудааст.

***Истиқлолият сарманшаи ифтихор аз ватандорӣ, сари баланд, нерӯю тавон, қудрату шукӯҳи давлат, фараҳмандию иқболи накӯи ҳар фарди хушбахту комгори Ватан, ҷашни озодманишию худшиносӣ, эҳёи давлату давлатдорӣ, равнақи арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва тантанаи шукуфоии Тоҷикистони азиз аст, ки бо талошҳои хастанопазири Пешвои маҳбуби миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дарозо ва шебу фарози таърих аз озмоишҳои сахту сангин фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони нобу модарӣ, илму адабиёти оламшумулашро ҳифз намуда, ба ҷунин рӯзҳои босаодат расидааст.***

***Маҳз Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу армонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки 33 сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.***

Тасдиқи рамзҳои давлатӣ, пули миллӣ, бунёди муассисаҳои фарҳангию тиҷоратӣ, сохтмонҳои азими маҷмааи боварии мардумро ба оянда дурахшон зиёд гардонида, ҳар сокини Тоҷикистон аз он ифтихор менамояд, ки соҳиби Ватани озод ва давлати мустақил аст. Ин на ба ҳама халқҳо муяссар мешавад.

Барои тоҷикон маншаи ифтихормандист, ки Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон оғози дигаргуниҳои тоза дар самти бунёди давлати мустақили тоҷикон гардида, бо қабули Конститутсия барпо намудани давлати соҳибистиқлол ва ҷомеаи озоду пешрафтаи шаҳрвандӣ ба миён омад. Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Тоҷикистон бо интихоби ҳайати нави Ҳукумат бо сарварии Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баркарор намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа шароит фароҳам овард.

Даврони истиқлолият имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамон ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ кушода гардад. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон - манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як қавми тоҷикмиллат аст.

Истиқлолият омили аслии рушду тараққӣ ва заминасози ҳузур дар арсаи ҷаҳонӣ ҷиҳати инкишоф ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ ба шумор меравад. Баракати истиқлол аст, ки имрӯз миллатеро бо номи тоҷик ва кишвареро бо номи Тоҷикистон кулли мардуми сайёра мешиносад ва дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми хосаеро дорост.

Нақши бунёдкорию созандагии миллат бо сохтмони роҳу пулҳо, иншооти маорифу тандурустӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, сабзу хуррамгардонии ҳар як гӯшаву канори Ватан дар пайкари Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи садоқати бепоён, муттаҳидӣ, меҳанпарастӣ ва фарҳанггустарии ҳар як фарди равшанзамир мебошад.

Мусаллам аст, ки яке аз заминаҳои асосии ҳувияти миллати тоҷик доштани ҳисси мустақилият ва озодӣ буда, фарзандони бонанги ӯ дар тамоми уфуқҳои мавҷудият барои ҳифзи он ҷоннисориҳо кардаанд. Таърихи давлатдории тоҷикон нишони он аст, ки давоми таърихи гузаштаи худ ин сарзамин бо ҳуҷумҳои мусаллаҳонаи душманон рӯ ба рӯ шуда, ҳамеша мардони бошараф намегузоштанд, ки миллат дар тобеият ва дастнигарии душманон қарор гирад.

Воқеан ҳам дар замони муосир истиқлолияти сиёсӣ яке аз рукнҳои асосии мавҷудияти давлат буда, метавонад сабаби пешрафти ҷашмгири тамоми паҳлуҳои зиндагии иҷтимоӣ шавад. Аз ин рӯ барои ҳар фарди ватанпарвари тоҷик дарку фаҳмиши моҳияти истиқлолияти сиёсӣ амри ногузир мебошад. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ишора намудаанд, «ҳар сокини мамлакат бояд ба қадри истиқлолият бирасад ва онро чун "гавҳараки чашм" ҳифз намояд».

Пешвои миллат соҳиби давлат будан ва доштани истиқлолиятро барои тоҷикон «рӯйдоди воқеан сарнавиштсоз» донистa, чунин гуфтаанд: «Халқи тоҷик тақдири имрӯзу фардои давлат ва сарзамини худро дар ихтиёр дорад ва аз саодати бузурге бархурдор аст. Ғояи истиқлолият ҳамчун яке аз рукнҳои бунёдии озодии инсон дар тамоми давру замонҳо ҷузъи таркибии андеша ва ҳувияти миллии мо будааст».

Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ ду боли тавонои давлати рӯ ба рушду нумӯ, санадҳои сарнавиштсози муқаддас, рамзи саодату шукуфоӣ, ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, амалисозии ҳадафҳои муҳими миллист, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ аз ватандорону ватансозон, чун гавҳараки чашм ҳифзу гиромидошти арзишҳои пурғановати миллиро тақозо менамояд.

*Мавҷуда Ҳалимова, муаллими калони кафедраи адабиёти хориҷӣ бо методикаи таълими забон ва адабиёти рус*

# ТАРБИЯИ РОСТҚАВЛӢ ДАР КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба марҳалаи кунунии пешрафти соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода истодааст, зеро рушду нумуи ин соҳа дар таҳкими пояҳои давлати демократии ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши бориз хоҳад гузошт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёмҳои солона ба сӯҳбату вохӯриҳо оид ба тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносиву худогоҳии насли наврас дастуру супоришоти мушаххасро ба миён гузошта, дар ин роҳи ростқавливу поквиҷдонӣ тарбия ёфтани онҳо аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати асосиро барои тарбияи фарзандону шогирдон равона созанд.

Дар ин бора дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак" омадааст, ки кӯдак дар овони тифлию хурдсолӣ дар оила хислатҳои ҳамидаи инсонӣ аз қабили ростгуию ростқавлиро аз падару модари худ меомӯзанд. Ростгӯӣ сифати хуби инсон буда, дар қалби кӯчаки хурдсолон аз факторҳои асосии тарбия-оила, боғча, мактаб ва муҳиту атрофиён, манша мегирад. Хусусан дар ҷомеаи имрӯза тараққиёти бемайлони илму техника ва технологияи ҳозиразамон ҳар як падару модарро зарур аст, ки дар тарбияи кӯдаки худ эҳтиёткор бошад. Мо фарзандони худро аз хурдсолӣ дар руҳияи ростқавлӣ-поквиҷдонӣ тарбия намуда, шахсияти онҳоро ташаккул диҳем. Кӯшиш кунем, ки дар оила як фазои дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ростгӯӣ ва поквиҷдонӣ байни падару модарон ва дигар аъзои оила ҳукмфармо бошад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки кӯдакони дар чунин оила тарбия ёфта кӯдакони боақлу доно, ростгӯю бофаросат ба воя мерасанд. Мутаассифона, дар ҷамъияти имрӯза ҳастанд оилаҳое, ки дар он падару модар дар назди фарзандони худ ҷангу ҷанҷол карда, ба ҳам гапҳои пасту баланд гуфта, бо роҳи дурӯғу фиреб умр ба сар мебаранд. Дар чунин ҳолатҳо савол ба миён меояд, ки дурӯғгӯии кӯдакон аз куҷо сар мезанад? Яке аз сабабҳои фиребгару дурӯғгӯй шудани кӯдакони хурдсол аз муносибати носолими волидайн ва муҳити носозгори оила сарчашма мегирад. Барои мисол метавон манзараеро аз муносибати носолими оила, ки дар шаклгирии тафаккури атфол таъсиррасон аст, биёварем: Шукрия падарашро хеле дӯст медорад. Ӯ ду сол дорад. Падараш дар хона нест. Шукрия зиқ шуда, ба зери кат медарояд. Модараш таваҷҷуҳ ба ӯ мегӯяд, -Шукрияҷон аз таги кат баро, ҳозиракак ба ту либос пушонидам. Вале суханаш таъсир надорад. Ӯ дар таги кат нишастану бозӣ карданро дӯст медошт. Сипас, модаркалон низ ба ин ҳамроҳ шуда мегӯяд: -Шукрияҷон падарат омад, баро пешвоз гир. Падарат бароят қанд овардааст. Шукрия аз таги кат баромада, ба назди дар меояд, аз падараш хабар нест. Ӯро фиреб доданд. Ташсаввур кунед ин ҳолат аз зеҳни кӯдак чи мегузарад. Чунин ҳолат ҳамарӯза ба чашм мерасад ва ҳеҷ кас ба паҳлуи манфии масъала аҳамият намедиҳад. Албатта, ин гуна рафтори носолиму ноогоҳонаи волидайн ва ашхоси ба он наздик ба кӯдак таъсирӣ манфӣ хоҳад расонд.

Ҳамин тавр падару модарон дар шахсияти худ, аниқтараш бо рафторҳои нодурусти худ, ба фарзандонашон дурӯғгӯиро нишон медиҳанд. Баъди ин агар кӯдак бошуурона дурӯғ гӯяд, ҳайрон мешаванд, ки ӯ дурӯғгӯиро аз кӣ ва аз куҷо ёд гирифта бошад? Калонсолон набояд дар назди кӯдакон гапи дурӯғ гӯянд, чунки хурдтаракон тақлидкоранд. Рафтору кирдорҳои нодурусти калонсолон яке аз воситаҳои дар кӯдак пайдо шудани хислатҳои нописанд мебошад.

Кӯдакон аксар вақт ба роҳи дурӯғгӯӣ мехоҳанд хоҳишҳои худро қонеъ гардонанд. Тарзи дурусти мубориза нисбати дурӯғгӯии бачагон ин фош намудани рафторҳои ношоистаи онҳо мебошад. Он гоҳ бачагон бовар мекунанд, ки дурӯғ гуфтан кирдори ношоистаю қалбакӣ буда, бо роҳи фиреб матлаби худро қонеъ намудан оқибат пушаймонӣ ба бор меоварад. Баъзан баҷаҳо барои худро аз ҷазо халос кардан, аз тарс дурӯғ гуфта, гуноҳи худро руйпӯш карданӣ мешаванд. Ростгӯӣ тавре ки А.С. Макаренко қайд кардааст: "Аз ҳаво барнамеояд". Онро дар кӯдак аз хурдсолӣ тарбия намуда ва кӯдакро ба он одат кунонидан лозим аст. Бархам додани одати дурӯғгӯӣ хеле душвор аст. Кӯдак ҳар қадар хурд бошад дар ӯ тарбия кардани хислати ростгӯӣ осон аст. Бигузор кӯдак хатояшро дарк кунад ва ваъда диҳад, дигар гапи дурӯғ намегӯяд. Мо бояд ҳамеша иҷрои ваъдаи фарзанди худро назорат кунем ва нагузорем, ки ӯ гуноҳи худро такрор карда, ба хатоҳои ислоҳнопазир роҳ диҳад.

Чунонки дар урфият мегӯянд: "Фарзанди хуб - боғи падар, фарзанди бад - доғи падар". Аз ин рӯ месазад, ки ҳар яки мо, падару модар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз худ масъулият нишон дода, дар тарбияи фарзандон ба саҳлангорӣ роҳ надиҳем, зеро кӯдакон ворисони мо ва ояндаи ин миллату давлатанд.

*Саъбагул Валиева, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ*

# ЗАНОН-МУБАЛЛИҒОНИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

***Дар ҷомеае, ки сафи занҳои босаводу бомаърифат меафзоянд, пешравӣ босуръат хоҳад буд ва дар он шумораи ҳар чӣ бештари фарзандони хуб тарбия хоҳанд ёфт.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар таърихи тӯлонӣ ва пурғановати тамаддуни халқи тоҷик, шахсиятҳо ва нобиғаҳои зиёде арзи ҳастӣ намудаанд, ки дар ташаккул ва такомули фарҳанг, касбу ҳунар ва ҳувияти миллӣ нақши беназире боқӣ гузоштаанд. Чунин корномаву пардози ҳунари фарзандони асилро аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби худ "Тоҷикон" бо баёни масъалаҳои урфу одат, касбу ҳунар ва фарҳанги милии халқи тоҷик ба монанди хазинаи тиллоӣ гирд овардааст.

Мусаллам аст, ки инсон дар тӯли зиндагии хеш бояд касбе омӯзад ва барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии худ заминаи мусоид фароҳам бисозад. Тоҷикон бо дарки ин маънӣ аз қадим миллати ҳунарманд ва босавод буданд. Дар "Таърихи Табарӣ" омадааст, ки "Ва мардумон гоҳ мардум бувад, ки ӯро ҳаракату чунбиш бувад, то манфиати хеш бидонаду бигирад ва душманро аз хеш боздорад". Ҳанӯз аз давраҳои қадим, тоҷикон аз дастгоҳи хурди матоъбофӣ истифода мебурданд, ки он ҳаллоҷӣ ном дошт ва абрешимро бо ин намуди дастгоҳ мересиданд. Дар Бухоро қариб 100 соҳаи косибӣ дида мешуд. Дар Хуҷанд, Уротеппа, Панҷакент, Конибодом, Ҳисор, Кӯлоб косибӣ хеле равнақ дошт. Косибони Ҳисор асосан намад, арғамчин ва банд мебофтанд. Дар Хуҷанд касби бофандагӣ басо маъмул буд ва беҳуда нест, ки дар он ҷо карбособофон, шоҳибофон ва пиллакашон буданд. Соли 1906 дар шаҳр 230 дӯкони шоҳибофи чархресӣ фаъолият дошт. Дар Кӯлоб низ бофандагӣ яке аз касбҳои муҳим ба шумор мерафт, ки дар ин касб нақши занҳо бузург буд. Занҳо дар хона пахтаро ҳаллоҷӣ мекарданд, мересиданд ва дар дастгоҳҳои бофандагӣ карбос мебофтанд. Суфи кӯлобӣ ва ҷомаҳои карбосии кӯлобӣ хеле хушсифат буданд ва дар Бухоро талабгори зиёд доштанд. Аз ашёҳои хоми маҳаллӣ қанору хурҷин, намад ва ҷӯроб тайёр мекарданд. Деҳқонони Кӯлоб кирмакпарварӣ карда пиллаи худро дар бозорҳо мефурӯхтанд. Дар шаҳрҳо аз он пиллаҳо ришта кашида, онро ранг дода ба бозорҳои Кӯлоб бурда мефурухтанд. Дар охирҳои асри XIX Кӯлоб маркази муҳими касбу тиҷорат шуд.

Дар замони муосир бошад раванди ҷаҳонишавӣ доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони робитаҳои фарҳангӣ фароҳ гардида, зарурати эҳёи анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва беҳдошти асолати онҳо ба миён омадааст. Халқи тоҷик дар давоми таърихи бисёрасраи худ сабки нотакрори худро дар санъати ороишӣ офарида, муносибат ба табиат ва ҳаёти ҷомеа дар ҳунарҳои зардӯзӣ, пиллакашӣ, даврагирӣ, сӯзандӯзӣ, пахтакашӣ, ресандагӣ, бофандагӣ, чакандӯзӣ ва дигар намудҳои санъату ҳунар таҷассум намудааст.

Либоси миллӣ оинаест, ки дар он фарҳанги миллӣ инъикос ёфтааст. Миллати тоҷик миллати соҳибтамаддун аст ва дар сатҳи ҷаҳон, ҳамчун муаррифкунандаи либосҳои миллӣ атласу адрас ва зардӯзиву чакан мебошад. Кӯлобшаҳри бостонӣ бо анъанаҳои ҳазорсолаи фарҳангӣ дар Ҷумҳурӣ мавқеи хос дорад. Чакани Кӯлоби солиёни дароз маъруфият дошта, бонувон ва гулдухтаронаш бо аз бар намудани либоси миллии худ нуфуз ва эътибори ҷаҳониро ба даст овардааст. Бо ташаббус ва ибтикори занони чевар ва донишманди Кӯлоби бостонӣ тарғиби либосҳои миллӣ дар байни занон ва ҷалби ҷавондухтарон ба дузандагӣ ва чеварӣ бо маром ривоҷу равнақ ёфта истодааст. Дар тӯли 33 соли давронии истиқлолият дастгирии занон оид ба касбу ҳунарҳои мардумӣ аз тарафи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле назаррас буда, занони бекор ва бешуғл низ ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб гардидаанд. Имрӯзҳо нақши занон дар ҳама соҳаҳои ҷамъият- давлатдорӣ, касбу ҳунар, тиҷорату савдо хело ҳам назаррас аст.

Ҳамчунин Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо дар баромад ва Паёмҳояшон таъкид мекунанд, ки занон нерӯи созандаи ҷомеа буда, нақши фаъоли онҳо дар ҷомеа хеле бузург аст. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурӣ, бонувони занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25 ва дар соҳаи хизматрасонӣ 40 фоизро ташкил медиҳанд. Дар пешрафт ва гулгулшукуфоии Тоҷикистон имрӯзҳо саҳми занон арзанда буда, чорабиниҳои фарҳангӣ, семинарҳо, машварату ҳамоишҳои гуногун аз қабили: "Зан-роҳбар", "Тарзи ҳаёти солимро таъмин менамоем", "Модари зан дар ҷомеа", "Солимии зан-солимии миллат", "Рушти соҳибкории занон", "Тоҷикона мепӯшем", "Зан ва замин", "Ҷавондухтарони фаъоли замони истиқлол" ташкил ва гузаронида мешавад.

Мутмаинем, ки бонувони кишварамон беш аз ҳама ба қадр ва моҳияти озодӣ мерасанд ва дар пойдории ғояҳои он устуворанд. Ҳар лаҳза шукргузорӣ аз фазои осоишта, сулҳу субот ва ваҳдату ягонагии миллат намуда, бахри ободии диёр камари ҳиммат баста, дар гулгулшукуфоии он саҳмгузоранд.

*Файзализода Зулқадамоҳ - ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он*

# ТАРБИЯ – МАСЪУЛИЯТИ ҲАР ФАРДИ ҶОМЕА

***“Таълиму тарбия ин равандест, ки ҳар як фарди ҷомеа ба он уҳдадор аст ва ин масъулиятро бояд ба тамоми ҷисму ҷон, бо садои қалб эҳсос намояду дар иҷрои он масъулиятшинос бошад. Ҳар фарди кишвари моро мебояд, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ба хотири ҳифзи фарҳангу маърифат, одоби насли ҷавон ба суннатҳои арзишманди миллӣ барои таълиму тарбияи шогирдону фарзандони хеш тадбиру чораҳои зарурӣ андешида, дар камолоти онҳо ҳиссагузор бошем, то насли нав ҳамчун ватандори асил на танҳо муҳофизи ҷонфидои дастовардҳои истиқлолияти кишвар, балки рушду ривоҷбахшандаи иқтисодиёту фарҳанги Тоҷикистон шаванд.***

Фарҳанг доманфарох аст ва дар ин миён фарҳанги гуфтору баёни андеша қонуният ва муқарраротн худро дорад. Аз мутакаллимин фасосату фасоҳатро талаб менамояд. Мушоҳидаҳои фардӣ миёни ҷомеа бар он водорам намуд, ки дар иртибот бо тарзи гуфтори шогирдон ибрози ақида намоям. Зеро яке аз нишонаҳои рӯшану боризи ҷомеаи мутараққӣ риояи одоби гуфтор аст.

Мусаллам аст, ки афроди зиёде аз кишварҳои гуногун ба сифати сайёҳ озими кишвари мо мешаванд ва ё бо тақозои вазифа ба Тоҷикистон бо сафари расмию корӣ ташриф меоранд. Аввалин бардошту таассуроташон аз шеваи муомила ва муошарати мо хоҳад буд. Мутаассифона, имрӯз фарҳанги муошират иддеаи аз толибилмони мактибу донишгоҳҳо ва, ҳатто, дар миёне қишре аз бузургсолон низ хеле коста ба назар мерасад. Дар фарҳанги мо модар муқаддас аст, вале бо алфози гӯшхарошу суханҳои дурушти олудаи дашном ба номи мазҳари покиву маншаи муҳаббат иснод меоранд. Дареғ аз он, ки калонсолон ин манзараи зиштро нодида мегиранд. Набояд фаромӯш сохт, ки агар мо омӯзгорон, волидайн ва дар маҷмӯъ ҷомеа сари ин падидаи ногувор беэътиборӣ намоем ва эҳсоси бамасъулиятӣ кунем, фардо аз ин киштаи хеш пушаймон хоҳем шуд.

Дар ин ҷиҳат, барои дарки масъулият дар тарбияву баркамолии фарзандон ва донистани уҳдадориҳои худ дар назди онҳо



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ таъкид доштанд, ки “Мо бояд хуб дарк намоем фарзандони мо назди мо амонатанд, онҳо ояндаи мову шумо ва соҳибони фардои давлату миллат мебошанд. Мо набояд бо дастони худ оядаи худамонро барбод диҳем, ба амонати хеш хиёнат кунем ва фарзандони худро дидаву дониста бадбахт созем”.

Таҳлил ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки бо вуҷуди пешрафти ҳамаҷиҳата ва таъмини шароити мусоид зисту зиндагонӣ ҳануз ҳам волидайне ҳастанд, ки дар кадом синф таҳсил намудани фарзанди хешро намедонанд. Гузашта аз ин, тарбияи фарзандро танҳо ба мактаб вогузор мекунанд, охир фарзанд неъматест, ки Офаридгор онро барои мо амонат додааст.

Пас, бояд дар ҳифзу нигаҳдории ин амонат кӯшиш намоем. Мақсади банда аз ин нигошта он аст, ки мактабу волидайн ҳамвора дар робитаи зич бошанд. Имрӯзҳо дар маҷаллаву расонаҳо сари мавзуи насли наврас зиёд мегӯянду менависанд, ки ин бисёр хуб аст. Бештари коршиносон ба ин назаранд, ки барои тарбияи атфол аз мактаби мураббиёни кӯдакистон истифода шаванд. Шояд ин андеша бе поя набошад. Ба далели он ки тарбия дар кӯдакистон метавонад заминасози шахсияти атфол бошад. Аммо аввалин ва охирин мактабӣ инсонсози хонавода аст. Волидайн метавонад ва бояд нахустхишти имorати тарбияро бигзоранд, ки пасон дар кӯдакистону дабистон ин бино қад барафрозад. Чуноне, ки Саъдии бузургвор мефармояд:

***Гуле, ки зи дасти боғбон тарбия нагирифт,***
***Агар ба чашмаи хуршед расад худруст.***

Бо асосгирии нукоти устод Саъдӣ гуфта метавонем, ки аввалин боғбони нахли хонадон, яъне фарзандон волидайн мебошанд. Дар ин роҳ барои баркамоливу шарфмандии фарзанд масъулияти беш бар зиммаи онҳост.

Тарбия фарзанд дар ҳама даврву замон ва назди ҳама гуна оину фарҳанг масъулиятноктарин ва дар айни ҳол пуршарафтарин вазифаи волидайн, мактаб ва ҷомеа буду ҳаст. Аммо дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ ин рисолат беш аз ҳар замони дигар аҳмият пайдо намудааст. Зеро таҳдидҳои фикриву маънавӣ аз тарафи гурӯҳҳои тахрибкору ифротӣ ба ҳадде боло гирифтаанд, ки бо андаке ғафлат зеҳну фикр ва шуури фарзандони моро duздида, дар ихтиёр ва хидмати дигарон қарор медиҳанд. Пас, бояд донист, ки дар шароити имрӯза тарбияи дурусти фарзанд дар рӯҳияи миллию ватанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба андешаҳои миллӣ иртиботи мустақиме ба суботу амният ва оянди рӯшани ин марзу бум дорад.

Замони муосир тақозо менамояд, ки бояд оила, мактаб ва ҷомеа байни ҳам равобити қавӣ дошта бошанд ва якҷоя дар тарбияи фарзандони худогоҳу ватандӯст саҳмгузор бошанд ва ҳар яке масъулияти худро дар назди давлату миллат бо сарбаландӣ иҷро намояд.



*Ҳасанов Бахтиёр - сармутахассиси раёсати тарбия*

# АРҶГУЗОРӢ БА ЗАБОН-ҚАРЗИ ФАРЗАНДӢ ВА РИСОЛАТИ ИНСОНӢ

Мусаллам аст, ки забон рукни асосии миллат ва давлат ба ҳисоб меравад. Ҳар фарди ҷомеаро лозим аст, ки ба қадри забон расаду онро гиромӣ дорад. Дар зеҳн ва шуури худ ҷой диҳад, ки забон модар аст, забон таърих аст, забон маданият аст, забон тақдир аст. Гиромидошт ва ҳифзи арзишҳои он вазифаи ҳар шахси маданист.

Тавре аз роҳнамоиҳову дастуроти хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мо маълум мегардад, “Қарзи фарзандӣ ва рисолати инсонии мост, ки забони модариамон, яъне ин забони ширину шоиронаро баробари модари худ азиз шуморем, дӯст дорем, онро мисли модар, ки моро ба дунё овардa, меҳри забонро бо шири поку ҷонбахш ва муҳаббати онро бо аллаи гӯшнавозаш дар ҷисму ҷони мо ҷой кардааст, эҳтирому эҳтиёт кунем ва мисли гаронбаҳотарин сарвати умрамон ҳамеша гиромӣ дорем”.

Хурсандиовар аст, ки аз шарафи Истиқлоли давлатӣ ҳар сол дар кишвари азизамон – Тоҷикистон, рӯзи 5 октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ ҷашн гирифта мешавад. Таҷлил аз Рӯзи забони давлатӣ арҷгузорӣ ба рукни ҳастии миллат ва омили бақову устувории давлат ба ҳисоб меравад. Фаромӯш набояд кард, ки ҳар давлати миллӣ ҳоҳ бузург бошад, хоҳ кӯчак бо забон зинда аст, яъне забон мисли Парчам, Нишон, Суруди миллӣ аз муқаддасоти давлат ба шумор меравад. Тавре дар робита ба ин маънӣ шоир фармуда:

***Бидон, ки пояи давлат забон аст,***
***Бақову ҳастии миллат забон аст.***

Дар воқеъ метавон забонро яке аз рукнҳои муҳимтарини давлат ва муқаддастарин сармояи зиндаи миллат донист. Дар роҳи ҳифз ва арҷгузории забон ҳама заҳмату талошҳои фидокоронаи Пешвои маҳбуби миллат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯз аҳли олам моро бо номи “тоҷик”, давлатамонро бо номи «Тоҷикистон» ва забонамонро бо номи «забони тоҷикӣ» мешиносанду эътироф мекунанд.




Тавре аз чавҳари нукоти шойгону ҳарфи мондагори Роҳбари фарҳангпарвару адабгустарои мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бароямон маълум мегардад ва бароямон чун дастури раҳнамо ҳидоятсоз аст, мо бояд ҳамеша дар хотир дорем, ки забони тоҷикӣ дар тули таърихи чандҳазорсолаи халқамон омили муҳимтарини муттаҳидкунандаи миллат буд ва мо ифтихор дорем, ки забони нобии модарии мо ин рисолати таърихӣ ва нақши тақдирсози худро дар замони соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ низ иҷро карда истодааст. Маҳз истиқлолияти давлатӣ барои дурахши забони тоҷикӣ ва рушду такомули он заминаи мусоид ва имкониятҳои фаровон муҳаё намуд. Забони тоҷикӣ дар навбати худ, ба сифати рукни муҳимми давлатдории миллӣ, ваҳдату сарҷамъии миллати моро дар саросари кишвар таъмин сохт.

Имрӯз, ки падидае ба унвони ҷаҳонишавӣ тамоми мамлакатҳои ҷаҳонро ба гирдоби худ кашидан дорад, муҳимтарин василаи нигаҳ доштани ҳуввияту худшиносии миллӣ забони модарист. Ҳифзи забони модарӣ ҳамчун арзиши умумимиллӣ кафолати бақои миллату меҳани мост. Сарвари мамлакат барҳақ таъкид доштаанд, ки «Халқ, давлат дар он вақт зинда мемонад, ки забонаш зинда бошад».

Дар роҳи гиромидошти забон-рукни ҳастии давлату миллат ҳар як фарди солимақлро мебояд, ки забонро поку беолоиш нигаҳ дорад ва дар ин баробар онро барои худ муқаддас шуморад. Намегузорем, ки эҳтиром ба ин забони аҳли биҳишту оламгир, лафзи поки модарӣ коста гардад. Пояндагии забони модарӣ ва бақову устувории он ба ҳамаи мо соҳибзабонон вобастагӣ дорад. Тавре Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мефармоянд: “Мо бояд барои устувор гардонидани забони давлатиамон мунтазам саъю талош намоем, ҷиҳати ғаниву рангоранг сохтани фонди луғавии он кӯшиш кунем, мақоми забони давлатиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат баланд бардорем. Омӯхтану донистани ин забони ширину шоирона ва ғамхорӣ барои рушд ёфтану фарогир шудани он қарзи ҳар як фарди соҳибмаърифату бонангу номуси миллат ва тамоми соҳибзабонон мебошад.

Пас мо аҳли зиё ва соҳибони забони нобу шевои тоҷикиро мебояд, ки ҳифзу гиромидошти онро вазифаи фарзандӣ ва қарзи инсонии худ донисга, дар пайи тадбири ин амал аз сидқи дил амал намуда, байти офаридаи шоирро сармашқи кори худ қарор диҳем:

***Пок медорам туро то ҷон бувад дар пайкарам***
***Беҳтарин ганҷинаи ман эй забони модарам.***

*Назарова Ширинмоҳ - омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и шаҳри Кӯлоб*

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 2-юми факултети иқтисод ва идора (таҳсилоти рӯзона) Курбонзода Ҷаҳонгир додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотӣ ва билети донишҷӯие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-юми факултети иқтисод ва идора Миров Алиҷон (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети физика ва математика (таҳсилоти рӯзона) Боронова Моҳира додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва идора (таҳсилоти рӯзона) Бозоров Лоиқҷон додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети физика ва математика (таҳсилоти рӯзона) Сафаров Илҳом додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2019 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ (таҳсилоти рӯзона) Каримов Фаррух додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,*
*Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек. Фирдавсӣ*



**Тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихори миллӣ, илму донишандӯзӣ, забондонӣ ва одобу ахлоқи ҳамида кафолати пешрафти маънавии ҷомеа ва, дар маҷмуъ, ояндаи ободи кишварамон мебошад.**

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

## БА РӮЗНОМАИ ХУД ОБУНА ШАВЕД!

**Хонандаи гиромӣ! Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» тасмим дорад, ки соли таҳсили 2024-2025 рӯзномаро ба таври мунтазам ва дар ҳаҷми 16 саҳифа бо фарогирии беҳтарин мавод дар бахшҳои гуногуни ҳаёти донишгоҳ ва ҳаводиси ҷолиби хориҷ аз он ба нашр расонанд. Он бо навиштаҳои рангину пурмуҳтавои худ ҳамрозу дамсоз ва ёвару роҳнамои аҳли донишгоҳ хоҳад буд. Ба нашрияи маҳбуби хеш «Анвори дониш» обуна шавед, бо он ҳамкорӣ кунед ва баҳри ҷолибу хонданбоб гаштани ҳар як шуморааш бо навиштаҳои хеш ҳиссагузорӣ намоед.**

**Тавассути телефонҳои зерин бо мо ҳамеша дар тамос бошед: (83322) 2-30-08, 988-12-32-34**


ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №6 (351) 18-уми сентябри соли 2024, душанбе (огози нашр: соли 1994)

ДОНИШГОҲИ МО ИФТИХОРИ МОСТ!

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб яке аз марказҳои асосии тайёр намудани омӯзгорон ва рушди фарҳангу адаби кишвар ба ҳисоб рафта, ҳазорон нафар дастпарваронии он имрӯз дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ ва соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллиамон дар ҳамаи минтақаҳои кишварамон ва хориҷ аз он фаъолият доранд.

Эмомалӣ Раҳмон
Аз суханронӣ дар тантанаҳои Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 01.09.2015

СОЗАНДАГОНИ ОЯНДА... С. 2
РАМЗИ СОҲИБДАВЛАТӢ С. 3-5
БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ЗИНДА МЕДОРАНД С. 6
ДДК. АЗ ИҶРОИ РИСОЛАТ ТО ДУРНАМОИ НЕК С. 8-9
ХАБАРҲО С. 12-13

## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки дар моҳи октябри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздон барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ бахт ва Хизр кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

*1. ХОЛИҚОВ САФАР, 1.10.1957, н.и.х, дотсент, мудири кафедраи химия ва методикаи таълими он;*
*2. ЗАРИФЗОДА ФАРИШТА, 1.10.1978, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;*
*3. РАҶАБОВА ДИЛБАР, 2.10.1975, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;*
*4. ЧОЛОВА САОДАТ, 2.10.1989, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он;*
*5. УРОҚОВ МИРЗОМУРОД, 3.10.1983, н.и.п, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими он;*
*6. НОСИРОВ ХОЛ, 5.10.1946, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърих;*
*7. ЗАРДОВ ҶУМЪА, 6.10.1963, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*8. ФАРЗОНАИ ИЗЗАТ, 6.10.1989, корманди бахши хоҷагӣ;*
*9. РАҲИМОВА ОИШАМО, 7.10.1963, корманди бахши хоҷагӣ;*
*10. ГУЛМАДОВА УМЕДА, 7.10.1983, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;*
*11. АШӮРОВА САОДАТ, 8.10.1981, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети физика ва математика;*
*12. МАҲСИДДИНОВ БАХТОВАР, 8.10.1989, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика;*
*13. МИРЗОЕВА МАЛОҲАТ, 10.10.1988, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
*14. ҒОЛИБҶОНИ РАҶАБАЛӢ, 10.10.1991, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*15. БОБОЕВА БИБИРАЪНО, 11.10.1976, корманди бахши хоҷагӣ;*
*16. БАРОТОВ ҶУМАХОН, 13.10.1957, н.и.г., дотсенти кафедраи география ва сайёҳӣ;*
*17. МОҲИРАИ ҶУРАХОН, 13.10.1991, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;*
*18. ҚУРБОНОВ НЕКРӮЗ, 13.10.1992, ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг*
*19. ФАЙЗУЛЛОЕВА ФИРӮЗАМО, 14.10.1965, н.и.п, дотсент, мудири кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;*
*20. ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, 16.10.1948, д.и.ф., профессори кафедраи фалсафа;*
*21. СУЛАЙМОНИ САЙДАЛИШОҲ, 17.10.1994, сариқтисодчии раёсати молия ва муҳосибот;*
*22. САИДОВА ИЗЗАТМО, 18.10.1963, лаборанти калони кафедраи адабиёти рус ва хориҷӣ бо МТЗАР;*
*23. ШОИМАРДОНОВ ХАЙРУЛЛО, 18.10.1987, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*24. МУРОДОВ ТЕМУР, 19.10.1958, н.и.с, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*25.САФАРЗОДА МАНУЧЕҲР, 19.10.1979, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муовини сардори раёсати илм ва инноватсия;*
*26. НЕЪМАТОВА НАРГИС, 20.10.1978, коргузори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;*
*27. САТТОРОВ ҚОБИЛҶОН, 21.10.1992, мутахассиси раёсати таълим;*
*28. КОМИЛОВ НИЗОМИДДИН, 23.10.1984, н.и.и, мудири кафедраи молия ва қарз;*
*29. САЙДАЛИЕВА ФОТИМА, 23.10.1988, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ;*
*30. САЙДАЛИЕВА ЗУҲРО, 23.10.1988, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ;*
*31. ДАМИНЗОДА ХАТИЧАМО, 24.10.1966, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо;*
*32. ҶУМАЕВА ДИЛОРОМ, 24.10.1985, н.и.ф., муаллими калони кафедраи забони муосири рус;*
*33. ОДИНАЕВА ГАДОЙБӢ, 28.10.1964, танзимгари факултаи физика ва математика;*
*34. ПИРНАЗАРОВ ЭМОМНАЗАР, 28.10.1968, н.и.с, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*35. БОЗОРОВА МАВЗУНА, 28.10.1985, корманди бахши хоҷагӣ;*
*36. АМИРУЛЛОЗОДА МАЛИКА, 29.10.1972, муаллими калони кафедраи таҳлили математика ва назарияи функсияҳо;*
*37. МУРОДОВА САОДАТ, 31.10.1960, ассистенти кафедраи физикаи умуми ва назариявӣ;*
*38. МУРОДОВА ХОСИЯТ, 31.10.1968, корманди бахши хоҷагӣ;*
*39. ШАРИФОВА МАЙСАРА, 31.10.1963, корманди бахши хоҷагӣ.*

*Таҳияи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

**МУАССИС:**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,** *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
**ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,** *доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,** *номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
**ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,** *номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
**ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,** *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,** *доктори илмҳои таърих, профессор*
**МИРЗОЕВ САЛИМ,** *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
**РАФИЕВ САФАРХОН,** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
**САФАРЗОДА МУНИР,** *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
**ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,** *номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

**САРМУҲАРРИР:**
**МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД**

**ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:**
**ИБРОҲИМИ ЮСУФ**

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Сифати чопи рӯзнома ба дӯши матбаа аст
Адади нашр: 5000 нусха

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

**НИШОНӢ:**
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3-31-15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63

**БО МО ҲАМРОҲ БОШЕД!**
СОМОНА | FACEBOOK